Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Бочу ХИРОҶ

№8 (1209)
Панҷшанбе,
20 феврали соли 2020

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи бистуми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

саҳ.2-3

# Дафтари бақайдгирии санҷишҳо: зарурат ва истифодаи он



Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз ба соҳибкор ройгон дастрас карда мешавад ва ҳар як андозсупоранда уҳдадор аст онро дошта бошад.

НИШОНДОДҲО

## В Узбекистане внедряют «налог на Google»



Сообщают налоговики соседней республики

с. 4

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

## Замина барои рушди соҳибкорӣ

Шарҳи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз дар байни соҳибкорон

с. 5

БАҚАЙДГИРИИ АМВОЛ

## Таъкиду вазифагузориҳо

Вазъи гузаронидани баҳисобгирӣ ва бақайдгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

с. 6

НАТИҶАГИРӢ

## Машварати судманди корӣ

Ҳамкории судманди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти андоз бахри бартараф намудани камбудиҳо дар масъалаҳои андоз

с. 7

## Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки тибқи тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ”, шурӯъ аз 8 январи соли 2020 тамоми амалҳои бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, бархамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда **РОЙГОН** анҷом дода мешавад.

# Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи бистуми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ



**Муҳтарам иштирокчиёни ҷаласа!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ тавассути майдони муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ бо баргузории бист ҷаласаи Шӯрои машваратӣ дар давоми 13 соли фаъолияти он, бешубҳа, ба вусъат бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар равона гардидааст.

Соли сипаригардида дар доираи татбиқи 300 рӯзи ислоҳот барои беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ имконияти хуб фароҳам оварда шуд, ки дар натиҷа нисбат ба соли 2018 маблағгузории бахши хусусӣ ба сармояи асосӣ 10 банди фоизӣ (аз 13,5 фоизи соли 2018 то 23,3 фоиз дар соли 2019) афзудааст.

Боиси қаноатмандист, ки қарорҳои ҷаласаи 19-уми Шӯрои машваратӣ, дар маҷмӯъ, татбиқ шуданд. Дар баробари ин, зарур аст, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба супоришҳои протоколии Шӯро ва нақшаи чорабиниҳое, ки қабул мешаванд, ҷиддӣ муносибат намоянд ва ҳангоми мувофиқасозии онҳо пешниҳодҳои бахши хусусиро ба эътибор гиранд.

Дар баъзе мавридҳо мувофиқасозии нақшаҳои мазкур вақти зиёдро мегирад, ки ба татбиқи ислоҳот монеа мегардад ва моро зарур аст, ки чунин камбудиҳоро ҳарчи зудтар бартараф созем.

Зеро ислоҳот танҳо вақте самарабахш буда метавонад, ки пайдарҳам пеш бурда шавад ва ҳадафҳои пешбинигардида сари вақт амалӣ карда шаванд.

Татбиқи ислоҳоти босамар ҷиҳати содагардонии расмиёти маъмурӣ ва паст намудани хароҷоти соҳибкорон дар кишвар мақсади асосии нақшаҳои қабулгардида, аз ҷумла Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ” барои солҳои 2019 — 2022 мебошад.

Ҳадафи ниҳоӣ он аст, ки соҳибкорону сармоягузорон таъсири мусбати ислоҳотро ба таври возеҳ бояд эҳсос намоянд.

Дар доираи идомаи ислоҳоти мазкур бо мақсади шаффоф, дастрас ва камхарҷ намудани ҷараёни гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномаҳо дар соҳаи сохтмон дар шаҳри Душанбе низоми “Равзанаи ягона” таъсис дода шуд, ки он фаъолияти беш аз даҳ мақомоти дахлдори давлатиро вобаста ба баррасии муроҷиатҳо бо реҷаи мустақим ҳамоҳанг месозад.

Иқдоми мазкур имкон дод, ки намояндагони бахши хусусӣ дар ин самт 40 фоизи вақт ва беш аз 70 фоизи хароҷотро сарфа намоянд.

Тавре маълум аст, соҳибкорону сармоягузорон дар баъзе мавридҳо барои гирифтани қитъаи замин, иҷозат барои сохтмон ва пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ба мушкилиҳо дучор мегарданд.

Боиси нигаронист, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати дастгирии иқдомҳои соҳибкорон ҳангоми гирифтани иҷозат ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба кашолкорӣ роҳ медиҳанд.

Аз ин рӯ, ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмон супориш дода мешавад, ки якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низоми “Равзанаи ягона”-ро оид ба гирифтани иҷозат барои оғози корҳои сохтмон ҳарчи зудтар таъсис дода, оид ба натиҷаи фаъолият дар ин самт ҳар нимсола ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот манзур намояд.

Бо мақсади муосиргардонии хизматрасонии давлатӣ ба доираҳои тиҷоратӣ дар асоси роҳандозӣ кардани ҳуҷҷатгузории электронӣ, ки ба бартарафсозии таъсири омили инсонӣ ва монеаҳои сунъӣ дар расмиёти танзими давлатӣ мусоидат мекунад, таҳдиди назар намудани қонунгузорӣ оид ба таъмини ҳуҷҷатгузории электронӣ зарур мебошад.

Дар доираи Нақшаи чорабиниҳо то ба имрӯз бастаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, дар мувофиқаи вазорату идораҳо қарор дорад.

Бояд зикр намуд, ки ташаккули ҳукумати электронӣ, содагардонии расмиёти соҳибкорӣ ва дар ин замина таъмин кардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар аз такмили босифати заминаи қонунгузорӣ дар ин самт вобастагии амиқ дорад. Бинобар ин, зарур аст, ки Ҳукумати Тоҷикистон корҳоро оид ба ташаккули ҳукумати электронӣ тақвият бахшад.

Бо мақсади таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар минтақаҳо бо супоришҳои протоколии Шӯро то имрӯз 69 шӯрои машваратии минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таъсис дода шудааст.

Зарур аст, ки фаъолияти мақомоти маҳаллӣ дар ин самт густариш дода шавад.

Бори дигар хотиррасон месозам, ки дар ин росто, усули арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз рӯи саҳми онҳо дар фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва фаъол гардонидани сармоягузории хусусӣ муҳим мебошад.

Зимни мулоқот бо кормандони соҳаи саноат дар Рӯзи соҳибкорон роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намудам, ки фаъолияти худро дар самти ҷалби сармоягузорони ватаниву хориҷӣ барои бунёди иншооти истеҳсолӣ ҷоннок карда, ба онҳо дар пешбурди фаъолият ҳаматарафа мусоидат намоянд.

Хотирнишон менамоям, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии арзёбии фаъолияти роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташкили коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби сармояи мустақим ба ҳисоб меравад.

Масъалаи мазкур дар ҷаласаи фосилавии Шӯро баррасӣ гардида буд. Бинобар ин, бори дигар таъкид менамоям, ки мақомоти маҳаллӣ бояд бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда барои мунтазам зиёд намудани сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба таври доимӣ чораҷӯӣ карда, мунтазам ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот манзур намоянд.

Воқеан, ташкили рейтинги миллӣ ҳамчун низоми баҳогузории рушди иқтисодии маҳал ба баланд бардоштани масъулияти мақомоти маҳаллӣ, натиҷаҳои фаъолияти онҳо, паҳн намудани таҷрибаи пешқадами идоракунӣ дар сатҳи минтақавӣ, арзёбӣ ва муайян намудани мушкилоти соҳибкорон, инчунин, идомаи ислоҳот мусоидат менамояд.

Иштироки ҳамаи шаҳру ноҳияҳо дар ин раванд имкон медиҳад, ки вазъи фазои соҳибкорӣ дар сатҳи маҳал ба таври воқеӣ инъикос карда шавад.

Ҳамчунин, дар баробари амалӣ намудани рейтинг андешидани тадбирҳо вобаста ба ҳавасмандгардонии минтақаҳо барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ зарур мебошад.

Бинобар ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо Агентии омор, Кумитаи рушди маҳал, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати мунтазам гузаронидани арзёбии миллии фазои сармоягузорӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, натиҷаҳои рейтинги миллии фазои сармоягузориро дар кишвар муайян намоянд.

Ин, дар навбати худ, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҷиҳати беҳсозии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ, пайдо шудани рақобати солим байни минтақаҳо вобаста ба ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ мусоидат хоҳад намуд.

Ҳамзамон бо ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Котиботи Шӯрои машваратӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки ҷиҳати татбиқи арзёбии “Пешбурди соҳибкорӣ” дар сатҳи маҳал ва тариқи таҷрибавӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳо аз рӯи якчанд нишондиҳандаи асосӣ, аз ҷумла бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ, гирифтани иҷозат барои сохтмон, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқ ва бақайдгирии молу амволи ғайриманқул чораҷӯӣ намоянд.

Мувофиқи мақсад аст, ки шарикони рушд дар ин самт ҳамкориро бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ, инчунин, ҷиҳати тавсеаи имкониятҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар масъалаҳои ҷалби сармояи хусусӣ, коҳиш додани сатҳи расмиёти бюрократӣ бо мақсади сарфаи вақт ва хароҷоти соҳибкорону сармоягузорон густариш диҳанд.

Қобили зикр аст, ки бахши хусусӣ дар татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 нақши муҳим дорад ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ омили асосии ҷалби сармоя ба иқтисодиёти кишвар ва рушди соҳибкорӣ ба шумор меравад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар истифодаи технологияҳои муосир, ки ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, паст намудани талафоти истеҳсолӣ, сарфаи қувваи барқ, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва дар ин замина таъмин кардани рақобатнокии истеҳсолоти ватанӣ нигаронида шудааст, зарур арзёбӣ мегардад.

# ва рушди соҳибкорӣ

Аз соли 2019 барои воридоти ашёи хом ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ имтиёзҳои андозиву гумрукӣ пешбинӣ гардидаанд, ки барои боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ шароит фароҳам меоранд.

Соҳибкорону сармоягузорони моро зарур аст, ки аз ин имконияту истифода бурда, ҷиҳати таъсиси коргоҳу корхонаҳои нави истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, воридоти техника ва технологияҳои муосир ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок саъю талош варзанд.

Вобаста ба сода намудани расмиёти савдои хориҷӣ аз моҳи ноябри соли гузашта "Равзанаи ягона" дар бобати барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар шакли озмоишӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин ба коҳиш додани расмиёт имкон дода, барои иштирокчиёни амалиёти савдои хориҷӣ шаффофият ва сарфаи вақтро таъмин менамояд.

Вобаста ба ин, Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо Хадамоти гумрук ва вазорату идораҳои дахлдор вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати татбиқи пурраи низоми "Равзанаи ягона" чораҳои зарурӣ андешида, ба Ҳукумати кишвар ҳисобот манзур намоянд.

Инчунин, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки минбаъд низ корҳоро дар самти боз ҳам сода намудани расмияти ҳуҷҷатгузорӣ, аз байн бурдани монеаҳои сунъӣ ва кам кардани хароҷоти зиёдатии соҳибкорону сармоягузорон тақвият диҳанд.

**Муҳтарам аъзои Шӯро!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Тоҷикистон кишвари аграрию саноатӣ буда, ба кишвари саноатию аграрӣ табдил додани он яке аз ҳадафҳои стратегии мо мебошад.

Маҳсулоти кишоварзии дар мамлакати мо истеҳсолшаванда имкон медиҳад, ки дар баробари содирот намудани маҳсулоти хушсифат, инчунин, раванди коркарди ашёи хом, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва тиҷоратикунонии он бо татбиқи силсилаҳои ба ин раванд алоқаманд ҳарчи бештар фаъол гардонида шавад.

Яке аз роҳҳои амалисозии самти мазкур ташкил ва рушди занҷираи арзиши иловашуда то маҳсулоти ниҳоӣ дар бахши агросаноатӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки стратегияи дарозмуддати рушди иқтисоди миллӣ афзоиши рақобатнокии онро дар соҳаҳои анъанавӣ ва ба илм ниёзманд, баланд бардоштани сатҳи сармояи инсонӣ ва самаранокии меҳнат, рушди босуръати истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ баланд ва ба заминаи асосии рушди иқтисодӣ мубаддал гардонидани омилҳои инноватсиониро талаб менамояд.

Рушди занҷираи арзиши иловашуда то маҳсулоти ниҳоӣ дар бахши агросаноатӣ метавонад ба беҳсозии таъмини аҳолии кишвар бо неъматҳои моддӣ, рушди мутавозини иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатнокии иқтисоди миллӣ табассути роҳу усулҳои мукаммалтари ташкили идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ мусоидат намояд, ки таҷрибаи байналмилалӣ ин равандро собит намудааст.

Бо дарназардошти муҳим будани ин масъала дар ҷаласаи нуздаҳуми Шӯрои машваратӣ супориш дода шуда буд, ки дар доираи гурӯҳи кории алоҳида масъалаҳои ташаккул ва рушди кластерҳо дар соҳаи агросаноатӣ баррасӣ гардида, ба ҷаласаи навбатии Шӯро таклифу пешниҳодоти мушаххас манзур карда шаванд.

Дар ин замина лоиҳаи Консепсия ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба ташкил ва рушди занҷираи арзиши иловашуда то маҳсулоти ниҳоии агросаноатӣ дар кишвар таҳия ва ба ҷаласаи имрӯза пешниҳод карда шудааст.

Бинобар ин, ба вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав супориш дода мешавад, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ташкил ва рушди занҷираи арзиши иловашуда то маҳсулоти ниҳоии агросаноатӣ бо дарназардошти пешниҳодоти дар ҷаласаи имрӯза баёнгардида такмил дода, тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

**Муҳтарам аъзои Шӯро!**

Тавре дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид карда будам, мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар 7 соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ қариб 3 баробар (аз 10 миллиард сомонӣ ба 27,6 миллиард сомонӣ) ва ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар 5,1 банди фоизӣ (аз 12,6 ба 17,7 фоиз) зиёд гардида, соли 2019 суръати рушди он 13,6 фоизро ташкил кард.

Вале нишондиҳандаҳои соҳа ҷиҳати иҷрои босифати барномаҳои қабулгардида ҳанӯз нокифоя буда, корҳо дар самти афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ қонеъкунанда нестанд.

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба раванди ислоҳот дар доираи саноатикунонии мамлакат зарур аст, ки ба нақши бахши хусусӣ эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Ҳамзамон бо ин, соҳибкорону сармоягузоронро лозим аст, ки барои баррасӣ, таҳия ва манзур намудани пешниҳодот оид ба соҳаи мазкур бештар саъю талош варзанд.

Аз ин лиҳоз, роҳбарони вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди маҳал ва Агентии содирот бояд якҷо бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо доир ба интихоби минтақаҳо тибқи занҷираи "ашёи хом – истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – дарёфти бозори фурӯш" тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии содирот якҷо бо роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати баланд бардоштани малакаи соҳибкорон дар самти омода намудани нақшаҳои пешбурди фаъолият мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ супориш дода мешавад, ки бо ҷалби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд ва бахши хусусӣ барои гузаронидани таҳлили зарурӣ ва таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба масъалаҳои иқтидори бахшҳои асосии соҳаи саноати кишвар гурӯҳи корӣ таъсис дода, натиҷаҳои онро ба ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратӣ манзур созанд.

Дар хотима мехоҳам изҳори итминон намоям, ки татбиқи қарорҳои дар ҷаласаи имрӯзаи Шӯро қабулгардида барои боз ҳам беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар кишвар мусоидат менамоянд.

Бо ҳамин ҷаласаи бистуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориро пӯшида эълон менамоям.

Ба ҳамаи аъзои Шӯрои машваратӣ ва шахсоне, ки дар кори ҷаласа фаъолона иштирок карданд, изҳори сипос мекунам ва ба шумо бароИ кор орзу мандам.

**Тансиҳату сарбаланд бошед!**

# Ҳамкорӣ мебояд

***Раёсати андоз дар ВМКБ аз оғози соли равон кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоятро муваззаф намуд, ки дар кутоҳтарин фурсат барои комилан аз байн бурдани бақияи қарзи андозҳо нақшаи мукаммалро таҳия карда, сабабу омилҳои ба таври дарозмуддат ба таъхир гузоштани бақияи қарзҳоро муайян ва дар асоси он амал намоянд.***

Сардори Раёсати андози вилоят Уқбол Додихудоев изҳор дошт, ки яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз дар давраи кунунӣ ин рӯёнидани бақияи қарзҳои андозҳо мебошад. Дар чанд моҳи охир аксари нозиротҳои андози ноҳияҳои вилоят аз афзоиши бақияи қарзи андозҳо пешгирӣ намуданд ва баъди андешидани чораҳои мушаххас, яъне ба бахси суди кашидани қарздорон, бастани суратҳисоби онҳо муваффақ шуданд, ки бақияи қарзи андозҳоро бамаротиб коҳиш диҳанд. Ногуфта намонад, ки дар ин давра танҳо нозиротҳои андози ноҳияҳои Дарвозу Ишкошим ба афзоиши қарзи андоз роҳ додаанд, ки маблағи он зиёда аз 170 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Ҳодисаҳое ба назар мерасанд, ки нозиротҳои андоз ба як андозсупоранда дар бораи кушодани суратҳисоби бонкӣ дар ташкилотҳои қарздиҳӣ ду се маълумотнома дода, минбаъд натиҷаи рақами суратҳисобҳои нави бонкиро пайгирӣ намекунанд. Дар ҳоле ки мутобиқи тартиби муқарраргардида ҳар нозире, ки ба андозсупоранда дар бораи боз кардани суратҳисоби бонкӣ маълумотнома пешниҳод мекунад, бояд рақами онро аз ташкилоти қарздиҳӣ сари вақт талаб намояд. Масъулони ташкилотҳои қарздиҳӣ низ ҳангоми кушодани суратҳисоби бонкӣ талаботи моддаи 46 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифта, нозироти андозро оид ба кушода шудани суратҳисоби нави андозсупоранда сари вақт огоҳ намоянд. Чунин амалиёт бар манфиати худи ташкилоти қарздиҳӣ ҳам аст. Зеро, чуноне ки ба назар мерасад, бо истифода аз ин андозсупоранда аз як ташкилоти қарздиҳӣ қарз гирифта, ин маблағро ба ташкилоти дигари қарздиҳӣ, ки дар назди ӯ низ қарздор аст, месупорад. Дар натиҷа, андозсупоранда ҳам дар назди мақомоти андоз ва ҳам ҳарду ташкилоти қарздиҳӣ қарздор мемонад. Барои гирифтани пеши роҳи чунин хилофкорӣ зарур аст, ки ташкилотҳои қарздиҳӣ бо кормандони нозиротҳои андоз ғамхорӣ намоянд.

**Довари БОВАР**

# Дар «Gulfood»-и Дубай хушкмева ва лимӯи тоҷикии Мейер муаррифӣ гардид

***Ширкатҳои тавлидотии Тоҷикистон, назири «Меваи Тиллоӣ» ва «Ороi Исфара», «Комбинати хӯроквории шаҳри Бохтар» ва хоҷагии деҳқонии «Ансорӣ» аз ноҳияи Ҷайҳун маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тозаро, ки аз меваҳои хушк ва лимӯ иборатанд, дар 25-умин Намоишгоҳи байналмилалии озуқаворӣ, нӯшокӣ, таҷҳизот барои меҳмонхонаву тарабхона ва таббохии кишварҳои Халиҷи Форс — «Gulfood 2020», ки дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб идома дорад, ба намоиш гузоштанд.***

Аз Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба АМИТ «Ховар» иттилоъ доданд, ки ширкатҳои тавлидотии Тоҷикистон, ки дар Намоишгоҳи байналмилалии «Gulfood 2020» дар Дубай иштирок доранд, асосан ба содироти меваҳои хушк ба кишварҳои хориҷи дуру наздик, хусусан Осиёи Шарқӣ, инчунин лимӯи баландсифати тоҷик бо навъи Мейер машғуланд.

Ҳадафи иштироки соҳибкорони тоҷик дар аз намоишгоҳи «Gulfood 2020» шиносоӣ бо имконот ва талаботи бозорҳои минтақаи халиҷи Форс ва Шарқи Наздик, фароҳ гардонидани имкониятҳои содироти маҳсулоти ватанӣ ба хориҷа ва баргузор намудани гуфтушунид бо мақомоти марбутаи давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ мебошад, иттилоъ медиҳад манбаъ.

«Gulfood» бузургтарин ва бонуфӯзтарин намоишгоҳи тиҷоратии хӯрокворӣ ва нӯшокӣ дар ҷаҳон бо шумораи зиёди меҳмонон, иштирокдорон ва амалиёти тиҷоратӣ ба шумор меравад, ки дар он зиёда аз 5 ҳазор ширкатҳо аз 120 кишвар ба беш аз 97 ҳазор нафар меҳмонон аз 185 давлат иштирок мекунанд. Барои ин майдони намоишии маркази савдои Дубай /Dubai World Trade Centre -DWTC/ ба масоҳати 127 000 метри мураббаъ ва аз ҳисоби павилйонҳои муваққатӣ 23,000 метри мураббаъ васеъ гардонида шудааст.

Иштироки ширкатҳои тавлидотӣ ва соҳибкорони тоҷикро дар Намоишгоҳи байналмилалии «Gulfood 2020» Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии молиявии лоиҳаи USAID оид ба «Рақобатпазирӣ, савдо ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар Осиёи Марказӣ (CTJ) таъмин намудааст.

25-умин Намоишгоҳи байналмилалии озуқаворӣ, нӯшокӣ, таҷҳизот барои меҳмонхонаву тарабхона ва таббохии кишварҳои Халиҷи Форс «Gulfood 2020», ки 16 феврал дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб ифтитоҳ гардид, 20 феврал ба анҷом мерасад.

## Налогообложение международных цифровых компаний

**Для создания равных условий ведения бизнеса для отечественных и иностранных компаний, реализующих интернет-услуги, был принят закон, в соответствии с которым с 1 января 2017 года иностранные организации при оказании электронных услуг российским гражданам должны уплачивать НДС в бюджет РФ.**

С января 2019 года иностранные интернет-компании обязаны встать на учет в российском налоговом органе и уплачивать в бюджет НДС по всем операциям на территории РФ, независимо от того, кто покупатель – физическое лицо или юридическое лицо (индивидуальный предприниматель):

» налогоплательщикам – иностранным компаниям теперь не требуется вести раздельный учет покупателей электронных услуг;

» исключена обязанность налогового агента по НДС, в том числе для небольших компаний и ИП;

» выросла эффективность налогового администрирования и дополнительный доход бюджета.

В Межрегиональной инспекции по крупнейшим налогоплательщикам №7 состоят на учете 2072 иностранные организации.



Сумма налога, заявленная в налоговых декларациях за 2017-2019 годы, составляет:

» 2017 год – 9,4 млрд рублей (только операции в B2C-сегменте);

» 2018 год – 12,3 млрд рублей (только операции в B2C-сегменте);

» 1 – 3 квартал 2019 года – 47,5 млрд рублей (операции в сегментах B2C и B2B).

За весь 2019 год – по прогнозу предположительно более 60 млрд рублей.

» 70% начислений по НДС приходится на такие известные компании, как Google, Apple, Microsoft, Facebook, Sony interactive, Booking.com, Amadeus IT Group, Discovery, Valve Corporation, Bloomberg

**Источник: Проспект «Международная деятельность» ФНС РФ**

# В Узбекистане внедряют «налог на Google»

**Глава ГНК Республики Узбекистан Бехзод Мусаев рассказал, как планируется взимать налог с иностранных компаний, таких как Google, Alibaba, Facebook, Amazon, Яндекс и других. Комитет будет предлагать им открывать постоянные учреждения в Узбекистане или добровольно вставать на налоговый учет.**




В Узбекистане ожидается внедрение так называемого «налога на Google». На пресс-конференции во вторник председатель Государственного налогового комитета Бехзод Мусаев рассказал, как планируется взимать этот налог с иностранных компаний и в чем его проблематичность.

В проект Налогового кодекса в новой редакции, на днях одобренного Сенатом, включена глава об особенностях налогообложения иностранных юридических лиц, оказывающих услуги в электронной форме. В кодексе отмечается, что если иностранные компании реализуют услуги в электронной форме в Узбекистане, то они признаются налогоплательщиками в части таких услуг, оказываемых физическим лицам.

К услугам в электронной форме относятся предоставление прав на использование программного обеспечения (включая игры) и доступа к поисковым системам, оказание рекламных услуг в интернете, услуг по поиску и предоставлению информации о потенциальных покупателях, хранение и обработка информации и т. д. Среди компаний, оказывающих подобные услуги — интернет-гиганты Яндекс, Google, Facebook, Alibaba и другие.

Отвечая на вопрос корреспондента «Газеты.uz», Бехзод Мусаев отметил, что вопрос взимания «налога на Google» сейчас стоит перед всеми налоговыми органами мира.

«Сайты Alibaba, Яндекс, Google, Facebook, Amazon, Uber, Booking.com и другие. Выделено пять основных направлений. Очень сложно определить сумму их доходов, сумму их комиссий и провести налогообложение. Зарубежные страны сегодня борются, стараются вычитывать [налог]. Пока мы пошли по следующему пути. Мы знаем, что наши российские коллеги внедрили только лишь НДС на их услуги, т. е. они должны фактурировать каждую свою услугу с НДС. Но как мы найдем эту фактуру и сумму оказываемых услуг? Вот в чем вопрос. Потому что они легко меняют зоны и адреса», — отметил глава ГНК.

По его словам, в Налоговом кодексе будет законодательно закреплено, что такие услуги будут облагаться НДС.

«Facebook будет нам предоставлять эту информацию? Сложно. Google будет предоставлять нам эту информацию? Действительно сложно. Поэтому мы сегодня в Налоговом кодексе предусмотрели, что это будет облагаться НДС. Теперь мы будем работать постепенно с каждой компанией-налогоплательщиком, чтобы они создавали постоянные учреждения. Тот же AirBnB, он во многих странах создает постоянные учреждения и показывает все доходы, какие он получает на территории и через налогоплательщиков этой страны. Мы будем с ними работать и восстанавливать контакты, пользуясь зарубежным опытом, которые наши коллеги сделали в странах СНГ, и помощью экспертов [из Всемирного банка]», — заявил он.

Бехзод Мусаев заявил, что пока не может назвать прогнозируемую сумму налоговых поступлений от «налога на Google».

«Сначала нас интересуют права, далее методология, потом уже расчет и учет. Допустим, сегодня мы никакую сумму от этих компаний не получаем, но мы уже идем в сторону прогресса. Через Налоговый кодекс оформили законодательную часть, что мы имеем право [на налогообложение], а они обязаны [уплачивать]», — сказал председатель ГНК.

Как отметил «Газете.uz» начальник Управления камерального контроля ГНК Азиз Хашимов, зарубежные компании, которые встают на учет в качестве плательщика НДС, заинтересованы в легализации своей деятельности.

«Для них предоставлена возможность добровольно встать на учет в качестве плательщика налога на добавленную стоимость. НДС как косвенный налог фактически подразумевает, что платящей стороной является потребитель. То есть гражданин Узбекистана покупает услугу у Google, компания ставит сверху 15% НДС и продает. И Google перечисляет эту сумму НДС в бюджет», — указал он.

Иностранная компания будет обязана встать на учет в налоговом органе при открытии постоянного учреждения в Узбекистане. Но есть также и добровольная регистрация в налоговой, если открытие представительства не планируется. Постановка на учет осуществляется на основании заявления и иных документов по перечню, утверждаемому ГНК. Заявка подается не позднее 30 календарных дней со дня начала оказания услуг в электронной форме.

«Налог на Google» есть и в других странах. В России с 2016 года действует закон об уплате НДС при продаже электронных услуг. Налог взимается с любых услуг, продаваемых через интернет: рекламы, продажи приложений, игр, хостинга сайтов, музыки, фильмов и других. Первые 200 компаний начали платить этот налог в 2017 году — тогда российский бюджет получил 9,4 млрд руб (150 млн долларов), а в 2018 году — 12 млрд рублей (около 190 млн долларов).

**Источник: «Газеты.uz»**

**Дар Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе бо иштироки кормандони мақомоти андоз ва соҳибкорони шаҳри Душанбе бо мақсади шарҳу тавзеҳи тағйиру иловаҳои ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда аз 2 январи соли 2020, таҳти №1676 семинар-машварат баргузор гардид.**

# Замина барои рушди соҳибкорӣ



**Семинар-машваратро муовини сардори Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе Миралӣ Қодиров ифтитоҳ карда, пеш аз ҳама, ба роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили чунин суҳбату вохӯриҳо бо андозсупорандагон вобаста ба шарҳу тавзеҳи қонунгузории андоз, миннатдорӣ баён кард.**

Баъдан, мутахассиси пешбари Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Назирҷон Зоиров тағйиру иловаҳои ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшударо тариқи слайд ба иштирокдорони семинар-машварат манзур намуд. Номбурда тағйиру иловаҳои воридшударо дастгирии навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод карда, гуфт, ки тағйиру иловаҳои воридшуда ба Кодекси андоз метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ хуб мусоидат намояд ва барои ташкили дурусти кор, ҳамчунин, зиёд шудани ҷойҳои кории нав дар ин самт замина фароҳам созад.

Қайд гардид, ки қисми 9 моддаи 183 Кодекси андоз дар таҳрири зерин ифода ёфт: «Новобаста аз муқаррароти моддаи мазкур, баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки барои хариди молҳо ва воридоти молҳо аз ҷониби ташкилоти бо фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш машғулбуда пардохта шудааст, танҳо ҳангоми фаро расидани амалиёти андозбандишавандаи давраи ҳисоботӣ иҷозат дода мешавад».

Тибқи тағйироти мазкур супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, ки бо фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш (минбаъд-фаъолияти савдо) машғул мебошанд, минбаъд аз 8 феврали соли 2020 баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашударо вобаста ба хариди мол тибқи тартиби муайяншуда танҳо дар лаҳзаи фурӯши мол, амалӣ карда метавонанд.

Ба гуфтаи Н. Зоиров, бо мақсади дуруст мавриди амал қарор додани муқаррароти қисми 9 моддаи 183 Кодекси андоз, чунин супорандагони ААИ вазифадор мебошанд, ки маблағи бақияи моли дар анборбударо мутобиқи баҳисобгирии муҳосибӣ ба санаи 1 феврали соли 2020 муайян карда, маблағи ААИ, ки аз ин ҳисоб қаблан ба ҳисоб гирифта шуда буданд, бекор ва тасҳеҳоти дахлдорро бо эъломияи иловагӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Супорандагони ААИ, ки ба фаъолияти савдо машғуланд, ҳангоми пешниҳоди эъломияи андоз аз арзиши иловашуда барои моҳи январи соли ҷорӣ, дар қисми 4 эъломия ("ҳисобот оид ба бақияи молҳо") бақияи молҳои худро аз ҳисоби давраҳои пешин пурра мутобиқ ба анбори электронии барномаи компютерӣ дарҷ намоянд, зеро чунин супорандагони ААИ барои давраи ҳисоботии моҳи феврал ва минбаъд баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашударо дар эъломияҳо, танҳо дар мавриди фурӯши молҳо амалӣ карда метавонанд.

Дар идомаи семинар-машварат сармутахассиси Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадӣ Ниёзов вобаста ба тартиби истифодаи патент, гузариши соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ маълумот дод. Ғайр аз ин, ба ҳозирон дар хусуси тағйиру иловаҳое, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2019, №605 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 ворид шуда буд, шарҳу тавзеҳ дод.

Хотиррасон мешавем, ки дар семинар-машварати мазкур намояндаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷбуллои Зайдулло низ иштирок дошт ва оид ба Портали савдои Тоҷикистон, сомонаи портали мазкур ва тарзи дурусти истифодаи он тариқи слайд ба иштирокдорон маълумот пешкаш кард.

Дар интиҳои семинар-машварат миёни андозсупорандагон ва мутахассисони мақомоти андози мамлакат мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Суҳбати муфид

**7 феврали соли 2020 дар Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар-машварат баргузор гардид.**

Семинар – машваратро судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷ. Ҷамшедзода ифтитоҳ намуд. Сипас сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози Ҷумахон Нурзода баромад намуд. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, №901 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул шудааст, ки он аз 2 қисм (умумӣ ва махсус), 18 фасл, 50 боб ва 329 модда иборат мебошад ва аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шудааст. Аз соли 2013 то имрӯз бо мақсади рушди соҳибкорӣ ба Кодекси андоз мувофиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Баъдан сардори шуъбаи Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андоз Собир Вазиров суханронӣ карда, тағйиру иловаҳои ба Кодекси андоз воридшударо шарҳ дод. Номбурда аз ҷумла, қайд намуд, ки мувофиқи моддаи 6 Кодекси андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 намуди андоз, аз ҷумла 8 намуди андози умумидавлатӣ ва 2 намуди андозҳои маҳаллӣ муқаррар шудааст.

Зикр шуд, ки дар фасли XVI Кодекси андоз низомҳои махсуси андозбандӣ муқаррар шудаанд, ки тибқи онҳо категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон ухдадоранд баъзе андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллиро тибқи тартиби содакардашуда супоранд. Ӯ гуфт, ки ба низомҳои махсуси андозбандӣ инҳо дохил мешаванд:

- *низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд;*
- *низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;*
- *низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона);*
- *низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ.*

С. Вазиров изҳор дошт ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз ҷониби мақомоти андоз аз рӯи принсипи "Равзанаи ягона" анҷом дода мешавад.

Мавсуф зикр намуд, ки тартиби нави бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ нисбат ба тартибе, ки қаблан амал мекард, бартариятҳои зиёд дорад, аз он ҷумла, мӯҳлати бақайдгирӣ ба воситаи истифода аз барномаҳои махсуси компютерӣ, ташкили махзани ягонаи маълумот, бунёди шабакаи электронии табодули маълумот миёни Кумитаи андоз бо мақомоти ҳудудӣ ва мақомоти омору ҳифзи иҷтимоӣ, аз 49 рӯз то ба 5 рӯз (барои бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ) ва 3 рӯз (барои филиал ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) кам карда шуд.

Ҳамчунин, бо дарназардошти такмили заминаи техникии барномаи компютерии таъминкунандаи истифодаи Феҳристи ягонаи давлатӣ аз соли 2014 аз тарафи Кумитаи андоз бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мубодилаи маълумот тариқи онлайн пурра таъмин шуда, аз тарафи Агентӣ бе ягон мамониат ба субъектҳои хоҷагидории ба Феҳристи ягонаи давлатӣ воридгардида рамзҳои оморӣ гузошта мешавад.

С. Вазиров вобаста ба рушди маъмурикунонии андоз қайд намуд, ки солҳои охир мақомоти андоз кӯшиш намуда истодаанд, ки бо мақсади сарфаи вақти андозсупорандагон аз технологияҳои иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ бештар истифода кунанд ва тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бидуни ҳозир шудани андозсупоранда ба мақомоти андоз, ба роҳ монда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро зиёд намоянд.

Қайд шуд, ки модули электронии "Утоқи шахсии андозсупоранда", асосан, барои беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон равона гардидааст. "Утоқи шахсии андозсупоранда" имрӯз такмил ёфта, аз 1 январи соли 2019 дар он хизматрасонӣ ба шахсони воқеӣ низ пешбинӣ карда шуд. Тибқи модули мазкур андозсупорандагон имкон доранд тамоми маълумотро оид ба андозбандӣ дастрас ва аз хизматрасониҳои электронӣ истифода намоянд.

Дар рафти семинар-машварат оид ба тартиби андозбандӣ дар низоми умумии андозбандӣ, андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва дигар намудҳои андоз низ сухан рафт.

-Бар замми ин, гуфт С. Вазиров, бо мақсади ҷалб намудани сармоягузорони хориҷию ватанӣ ва афзоиш додани истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда дар фасли XVII Кодекси андоз низомҳои имтиёзноки андозбандӣ муқаррар шудаанд, ки барои ҷалби сармоя ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт додани имтиёзҳои андозии иловагиро пешбинӣ менамоянд. Аз ҷумла оид ба андозбандии сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, хусусияти андозбандии корхонаҳои навтаъсис ва корхонаҳои амалкунанда, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ва маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи пахта то маҳсулоти пахтагии дӯзандагӣ) машғул мебошанд, хусусияти андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, хусусиятҳои андозбандии субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок, андозбандӣ аз рӯи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот ва асосҳои андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ имтиёзҳои андозӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар охир байни иштирокчиёни семинар-машварат ва кормандони мақомти андоз саволу ҷавоб сурат гирифт.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Коронавирус может сильно ударить по экономике Китая



### ТАК СЧИТАЮТ ЭКСПЕРТЫ

Китай готовится к негативным сценариям в экономике на фоне эпидемии коронавируса, сообщил эксперт Московского Центра Карнеги, пишет газета «Коммерсантъ».

Руководитель программы «Россия в Азиатско-Тихоокеанском регионе» Александра Габуева сообщила, что, по мнению аналитиков, после провального первого квартала экономика Китая восстановится до 4—5,5% при условии, что карантин продлится до середины февраля. Но прогнозы пока осложняет неясность ситуации вокруг эпидемии. С учетом быстрого распространения вируса вероятно, что карантин будут ужесточать и продлевать, а это станет сильным ударом по бизнесу.

Объем внутренних перевозок в Китае уже упал почти на 20%, также уменьшился спрос на нефть. По опросам, руководители среднего бизнеса в КНР могут платить работникам зарплату максимум 1-2 месяца. Часть компаний уже отправили персонал в неоплачиваемый отпуск.

Народный банк Китая направил $174 млрд в банковский сектор, чтобы поддержать бизнес. Также введен мораторий на увеличение налогов и прочих платежей для бизнеса на всей стране.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Татбиқи лоиҳаҳо ва ҷалби сармояи хориҷӣ



**Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Ҳамрализода 11-уми феврали соли равон зимни нишасти матбуотӣ қайд кард, ки алҳол дар Тоҷикистон 65 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи 32,1 миллиард сомонӣ татбиқ мегардад. Дар таркиби маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда маблағҳои қарзӣ 16,9 миллиард сомонӣ ё 52,6 фоиз, маблағҳои грантӣ 13,6 миллиард сомонӣ ё 42,4 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,4 миллиард сомонӣ ё 4,4 фоиз ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳо (бенефитсиарҳо) ва ғайра 190,7 миллион сомонӣ ё 0,6 фоизро ташкил медиҳад.**

Дар соли 2019 дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда 3,16 миллиард сомонӣ аз худ карда шудааст.

Номбурда гуфт, ки бо мақсади ба роҳ мондани робитаҳои тиҷоратӣ ва пайдо намудани шарики тиҷоратӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон портали интерактивии www.b2b.tj соҳибкор бо соҳибкор (B2B) ташкил карда шуд. Портали мазкур барои дастгирии иттилоотии субъектҳои соҳибкорӣ, рушди фаъолияти онҳо, тақвияти содирот ва ҷалби сармояи мустақим ба мамлакат мусоидат мекунад. Дар натиҷа, барои фаъолияти бомароми субъектҳои соҳибкорӣ, баланд бардоштани малакаи касбии онҳо, ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон, содиротгунандагон ва ҷорӣ намудани усулҳои нави пешбурди соҳа, суръат бахшидан ба рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ заминаи мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда мешавад.

Фаррух Ҳамрализода афзуд, ки раванди ислоҳот ва тадбирҳои андешидашуда дар соли гузашта имкон дод, ки 7 созишномаи сармоягузорӣ ба имзо расонида шавад. Дар маҷмӯъ, дар доираи созишномаҳои сармоягузорӣ 8 корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд ва барои амалигардонии онҳо қариб 2,4 млрд сомонӣ сармояи ватанию хориҷӣ ҷалб мегардад.

Инчунин, қайд гардид, ки дар ҷаласаҳои Гурӯҳи корӣ ҷиҳати иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав аз ҳисоби намояндагони бахши хусусӣ, ассотсиатсияи соҳибкорон, сармояугузорон, шарикони рушд ва коршиносони сатҳи миллӣ таъсис ёфта буд, беш аз 100 намояндаи соҳаи мухталифи иқтисодиёти кишвар иштирок намуда, масъалаҳо ва мушкилоти ҷойдоштаро дар самти андозбандӣ мавриди муҳокима қарор доданд. Зиёда аз 200 пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ оид ба такмили қонунгузории андоз ба Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дар назди Вазорати молия ирсол карда шудаанд.

Чуноне зикр шуд, дар соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 326,5 ҳазор субъекти соҳибкорӣ фаъолият мекунанд, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба соли 2018- ум 10,6 ҳазор адад ё 3,4 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ, дар миқёси ҷумҳурӣ 295,6 ҳазор адад соҳибкори инфиродӣ мебошад, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса нисбат ба соли 2018- ум 10,8 ҳазор адад ё 3,8 фоиз зиёд аст.

Дар охир, миёни рӯзноманигорон ва намояндагон Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ суолу ҷавоб сурат гирифт.

**М. ҶУМЪА**

---

**Пурра мавриди андозбандӣ қарор додани объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ хуб мусоидат мекунад. Ин аст, ки мақомоти андоз ба ин самти фаъолият таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда истодаанд.**

# Таъкиду вазифагузориҳо

***Рафти гузаронидани баҳисобгирӣ ва бақайдгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?***

Тибқи иттилои сардори шуъбаи Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомии Абдураҳмон, ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар мақомоти ҳудудии андоз 1268,9 ҳазор нафар шахси воқеӣ ба сифати супорандаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба қайд гирифта шудааст. Дар натиҷаи гузаронидани азнавченкунии объектҳои молу мулки шахсони воқеӣ фаъолияти 1340,6 ҳазор нафари онҳо тахти азнавбақайдгирӣ қарор дода шудааст, ки ба 105,6 фоизи шумораи умумӣ баробар мебошад. Нишондиҳандаи рафти гузаронидани азнавбаҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ мутаносибан дар шаҳри Душанбе 106,3 фоиз, вилояти Суғд 105,7 фоиз, вилояти Хатлон 106,9 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 103,1 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 103,3 фоизро ташкил медиҳад.

Рафти ворид кардани маълумоти баҳисобгирифташуда дар барномаи компютерии "Баҳисобгирии андозҳо - шахсони воқеӣ" (Тафсири 3) ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ 1210,9 млн адад ё 90,3 фоизро ташкил медиҳад ва нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Суғд ба 109,7 фоиз, Хатлон 92,9 фоиз, шаҳри Душанбе 97,3 фоиз, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 98,4 фоиз рост меояд.

Натиҷаи баррасии фаъолияти мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт нишон додааст, ки дар рафти гузаронидани азнавченкунии объектҳои молу мулки шахсони воқеӣ дар 59069 ҳолат объектҳои дар қайди мақомоти андознабуда ва ё масоҳатҳои иловагӣ дар фаъолияти соҳибмулкон ошкор шудааст. Масоҳати объектҳои ғайриманқули иловагӣ ошкоршуда ба андозаи 38810,7 ҳазор метри мураббаъ ва қитъаҳои замин ба андозаи 45729,1 ҳазор метри мураббаъ муайян ва аз ин ҳисоб дар фаъолияти онҳо, дар маҷмӯъ, ба маблағи 35,1 млн сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардидааст.



Дар рафти гузаронидани азнавбаҳисобгирӣ аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар 8736 ҳолат, вилояти Хатлон 21982 ҳолат, шаҳри Душанбе 9962 ҳолат, ВМКБ 1440 ҳолат ва да нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, дар 16949 ҳолат объектҳои дар қайди мақомоти андознабуда ё масоҳатҳои иловагӣ дар фаъолияти соҳибмулкон ошкор шуд, ки аз ин ҳисоб дар фаъолияти соҳибулкон мутаносибан дар вилояти Суғд 16,0 млн сомонӣ, вилояти Хатлон 4,1 млн сомонӣ, шаҳри Душанбе 9,5 млн сомонӣ, ВМКБ 98,4 ҳазор сомонӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, дар ҳаҷми 5,3 млн сомонӣ маблағҳои иловагии андозҳо ҳисоб шудааст.

- Мақсад аз гузаронидани чорабинии мазкур, - мегӯяд Ҷомии Абдураҳмон, - пеш аз ҳама, бақайдгирии пурраи объектҳои молу мулк ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳисоб меравад. - Аммо, чуноне ки аз натиҷаи таҳлилу санҷишҳои аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ гузаронидашуда бармеояд, сифати гузаронидани баҳисобгирӣ ва рафти бақайдгирии объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд дар мақомоти ҳудудии андоз, махсусан, дар самти баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Чунки дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз, ҳоло ҳам, аҳамият ва мақсади гузаронидани чорабинии мазкур пурра дарк нашуда, рақамҳои аз ҷониби онҳо пешниҳодшуда воқеиятро дуруст инъикос намекунад.

Омӯзиш ва баррасии маълумоти ҷамъбастӣ оид ба натиҷаи баҳисобгирии объектҳои молу мулки шахсони воқеӣ дар мақомоти ҳудудии андоз нишон медиҳад, ки аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Лахш (44,2%), Тоҷикобод (65,5%), Кушониён (96,9%), Турсунзода (97,3%) ба чорабинии мазкур диққати ҷиддӣ зоҳир нашудаанд, аз ин рӯ, онҳо дар ин самт ба натиҷаҳои паст ноил гаштаанд.

Хотиррасон мешавем, ки тибқи талаботи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2019, №64 дар баробари гузаронидани азнавбаҳисобгирӣ дар объектҳои шахсони воқеӣ, нисбати шахсони ҳуқуқие, ки дорои объектҳои молу мулк мебошанд, гузаронидани азнавбақайдгирии молу мулк низ пешбинӣ гардидааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар мақомоти ҳудудии андоз аз шумораи умумии шахсони ҳуқуқии супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (4407 адад) дар ин давра объектҳои молу мулки 3931 адади онҳо тахти азнавбаҳисобгирӣ қарор дода шудааст, ки ба 89,2 фоизи шумораи умумӣ баробар мебошад. Дар ин давра аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар 78 ҳолат объектҳои молу мулки дар қайди мақомоти андознабудаи шахсони ҳуқуқӣ ошкор ва дар фаъолияти онҳо ба маблағи 14,9 млн сомонӣ андозҳо ҳисоб шуда, пардохти 10,4 млн сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаи рафти гузаронидани баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Суғд 102,1 фоиз, вилояти Хатлон 99,5 фоиз, ВМКБ 66,1 фоиз, шаҳри Душанбе 102,2 фоиз, Раёсати андози андозсупорандагони калон 55,4 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 86,0 фоиз таъмин гардидааст.

Дар робита ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор кардааст, ки ҷиҳати бақайдгирии сифатнок ва пурраи объектҳои молу мулки шахсони ҳуқуқӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Машварати судманди корӣ

**7-уми феврали соли 2020 дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд вобаста ба масъалаи таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ ва пардохти андозҳо аз рӯи ҷамъбасти моҳи январи соли 2020 ва дар умум вазъи иқтисодии вилоят дар ин давра машварати корӣ доир гардид. Машварати корӣ таҳти раёсати Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода сурат гирифта, дар он муовинони раиси вилоят, раисони як қатор шаҳру ноҳияҳо, роҳбарияти Раёсати андози вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии он, сарварони корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ иштирок доштанд.**

Дар оғози ҷаласа Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода диққати ҳозиринро ба масъалаҳои босифат таъмин намудани қисми даромади буҷети давлатӣ, вазъи ҷамъоварии маблағи андозҳо дар вилоят, кам кардани бақияи қарзи андоз, истифода намудани иқтидорҳои мавҷудаи соҳаи саноат, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар масъалаҳои марбути соҳа ҷалб намуд.

Сипас, гузориши сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд Абдуқаюм Воҳидов дар масъалаи вазъи таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ ва рафти ҷамъоварии маблағи андозҳо дар вилоят шунида шуд. Мавсуф аз ҷумла зикр дошт, ки ҷамъоварии андозу даромадҳо моҳи январи соли 2020 маблағи 244,6 млн сомониро ташкил намуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 22,4 млн сомонӣ ё 10,0 фоиз зиёд аст, аммо нисбати нақшаи тасдиқшуда ба маблағи 8,9 млн сомонӣ (96,5%) кам мебошад. Иҷрои нақшаро шаҳри Хуҷанд 90,8 фоиз, ноҳияи Айнӣ 75,8 фоиз ва корхонаҳои алоҳидае, ки муттамарказ ба буҷети вилоятӣ пешбинӣ шудааст, 83,9 фоиз таъмин намудаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 12,4 млн сомонӣ маблағи андозҳо ворид нагардид. Сабабҳои асосии дар шаҳру ноҳияҳои номбаршуда таъмин нагардидани иҷрои нақшаи пешбинишудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ сари вақт пардохт нашудани маблағи ҳисобшудаи андозҳо дар корхонаҳои калон ва мавҷудияти изофапулӣ мебошад. А. Воҳидов зикр дошт, ки дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибтидо аз моҳи январи соли ҷорӣ ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардида, имтиёзҳои иловагии андоз дар моддаҳои 29, 102, 104, 110, 291, 293, 296 ба андозсупорандагон пешбинӣ карда шуд. Аз ҷумла, меъёри на кам аз 1 фоизи даромади умумии андоз аз фоида хориҷ карда шуда, минбаъд корхонаҳо андоз аз фоидаро воқеан, аз натиҷаи молиявии солонаи корхона ҳисоб ва пардохт менамоянд ва ҳангоми бо зарар ҷамъбаст кардани соли молиявӣ уҳдадорӣ доир ба ҳисоби андоз аз фоида бо меъёри на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ ба миён намеояд.

Инчунин, дар асоси дархосту пешниҳоди субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо мақсади боз ҳам соддаю иҷрошаванда гардонидани меъёрҳои қонунгузории андоз дар баробари тартиби амалкунанда, яъне аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷот ҳисоб ва пардохт намудани андози содакардашуда, ба андозсупоранда ҳуқуқ дода шудааст, ки ихтиёран андози низоми содакардашударо бо тартиби нав, яъне аз фарқияти даромади умумӣ ва хароҷот (яъне аз фоида) ҳисоб ва пардохт намоянд. Меъёри низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд дар баробари намудҳои фаъолият (яъне истеҳсоли молҳо ва дигар намуди фаъолият) аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ ва нақдӣ муқаррар шуда, ҳамзамон, бо мақсади вусъат бахшидани пардохти ғайринақдӣ барои амалиёти ғайринақдӣ 1 фоиз меъёр барои намуди фаъолиятҳо кам карда шуда, маблағи бонус, кэшбек ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муштариён ҳангоми истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод мегарданд, аз андози даромад озод карда шуд.

Мутобиқи нишондоди махзани барномаи компютерии системаи иттилоотии андоз манбаи имтиёзҳои андозӣ дар вилояти Суғд дар соли 2018 беш аз 5 млрд сомонӣ ва маблағи имтиёзи андоз 903,9 млн сомониро ташкил додааст. Инчунин, мутобиқи маълумоти махзани омории Раёсати минтақавии гумруки вилояти Суғд дар давраи моҳҳои июл-ноябри соли 2019 ба миқёси вилоят аз тарафи молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба маблағи 8,8 млн доллари ИМА ашёи хом ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ворид гардида, ба маблағи беш аз 20 млн сомонӣ имтиёзҳои андозиву гумрукӣ дода шудааст.

Дар навбати худ андозсупорандагон низ ҷавобан ба ин дастгириву имтиёзҳои фароҳамшуда, мебоист барои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, фонди музди меҳнат, андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда саъю кӯшиш намуда, дар ободии кишвар нақши сазовор гузоранд. Аммо таҳлилу муқоисаи рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки то ҳол дар фаъолияти аксари андозсупорандагон доир ба иҷрои муқаррароти қонунгузории андоз бемасъулиятӣ зоҳир гардида, қариб дар тамоми соҳаҳои фаъолият пинҳоннамоии ҳаҷми истеҳсол ва интиқоли маҳсулот, шумораи воқеии коргарони кироя ва музди меҳнати пардохтшуда ҷой дорад.

- Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят бо дарки масъулият барои таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ мунтазам чораҷӯӣ намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бе халалдор намудани низоми фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз манбаъҳо ва захираҳои мавҷуда самаранок истифода кунанд ва иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатиро дар соли 2020 таъмин намоянд, - таъкид дошт А. Воҳидов.

Дар поёни машварати корӣ раиси вилоят вобаста ба таъмини нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ дар давраҳои минбаъдаи соли ҷорӣ ба роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва Раёсати андози вилояти Суғд супоришҳои мушаххас дод.

**Т. ШАРИФӢ,**
**вилояти Суғд**

# Коҳиши бақияпулиҳо



- Дар соли 2019 нақшаи даромадҳои буҷети ноҳия бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 109 фоиз таъмин шуда, ба ҷойи 25912,1 ҳазор сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷет 28620,8 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ 11 феврали соли равон раиси ноҳияи Ховалинг Парвиз Акрамзода. - Мавсуф зикр кард, ки дар ин давра аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва вилоят ба буҷети ноҳия 10300,1 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок (субвенсия) ворид шудааст.

Бақияи қарзи андоз аз ҳисоби корхонаю ташкилотҳо бо дарназардошти бақияи қарзи андози иҷтимоӣ то 1 январи соли 2020 3810 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар ин давра аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳо корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Ин аст, ки дар ҷамъбасти сол маблағи 1,2 миллион сомонӣ қарзи андоз кам гардидааст.

Тибқи иттилоъ дар ноҳияи Ховалинг 275 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, 105 соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 2052 хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун андозсупоранда ба қайд гирифта шуданд, ки дар ин давра аз ҳисоби онҳо ба буҷет 1556,6 ҳазор сомонӣ маблағи андоз ворид шудааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Мишустин поручил ФНС сделать «налоговый калькулятор» для бизнеса

## Этот информационный ресурс будет размещен на сайте ФНС

**ФНС России должна провести разъяснительную кампанию о преимуществах того или иного режима налогообложения для бизнеса в связи с предстоящей отменой в России ЕНВД, сообщил премьер-министр России Михаил Мишустин на встрече с представителями бизнеса Новгородской области, пишет ТАСС.**



Один из предпринимателей спросил, какие меры будут приняты в свете отмены с 2021 г. в России ЕНВД для отдельных видов деятельности. Мишустин заявил, что необходимо посмотреть, какой налоговый режим подходит тому или иному предпринимателю — патентная система, налог для самозанятых или УСН. По его словам, в частности, что с 1 июля те предприниматели, кто будет применять УСН по объекту дохода, смогут не сдавать налоговую отчетность, «что тоже очень удобно».

«Мне кажется, что нужно более активную разъяснительную кампанию провести», — отметил глава правительства. Мишустин попросил ФНС РФ поработать над этим вопросом, в частности —«сделать такой “налоговый калькулятор”, чтобы предприниматель смотрел, что выгоднее». По его словам, данная задача должна быть реализована в первом квартале 2020 г. Руководитель ФНС Даниил Егоров подчеркнул, что соответствующий информационный ресурс будет размещен на сайте ведомства. Он также поведал, что совсем скоро будет предложена модель «бесшовного перехода» с одного льготного налогового режима на другой.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Иҷрои босифати андозҳо

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмиро дар соли 2019-ум 102 фоиз таъмин карданд. Ба ҷойи 19 миллиону 449 ҳазору 584 сомонии нақшаи пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 19 миллиону 885 ҳазору 084 сомонӣ ворид намуданд.

Сардори нозироти андози ноҳия Юнус Кабиров зикр кард, ки дар соли гузашта 131 субъекти хоҷагидор ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки аз ин 95 адад хоҷагии деҳқонӣ, 2 шахси ҳуқуқӣ, 5 соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 29 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолиятдошта ба қайд гирифта шуданд. Феълан дар нозироти андози ноҳия 2726 андозсупоранда ба қайд гирифта шуданд, ки аз ин 2271 хоҷагии деҳқонӣ, 53 соҳибкор тибқи шаҳодатнома ва 173 соҳибкор тибқи патент фаъолият мекунанд.

- Бо мақсади шарҳу тавзеҳи тағйиру иловаҳои Кодекси андоз, ба шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо гузаштани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷиҳати ситонидани бақияпулиҳои қарзи андоз миёни андозсупорандагони ноҳия 12 семинар - машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст, - гуфт Ю. Кабиров.

- Ҳамчунин, дар ин давра 8 санҷиши маҷмӯии андоз гузаронида шуд, ки дар натиҷа 6 ҳазору 748 сомонӣ ошкор гардида, ба сари ҳар як андозсупоранда 1381 сомонӣ рост меояд. Ба ғайр аз ин, дар фаъолияти 20 андозсупоранда ба маблағи 111239 сомонӣ назорати камералӣ гузарониданд, ки 1250 сомонӣ аз ҳисоби ҳақдорӣ пӯшонида шуда, 80468 сомонии дигар пурра ба буҷет пардохт гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Власти Таиланда

## рассматривают возможность введения турсбора




Министерство туризма и спорта Таиланда обсуждает с другими ведомствами возможность взимания сбора с иностранных туристов на «обновление инфраструктуры возле достопримечательностей и природных объектов», сообщает The Thaiger.

Министр пояснил изданию, что большое число путешественников приводит к быстрой изнашиваемости инфраструктуры.

По его словам, ведомство оценит перспективу введения сбора вместе с турфирмами и страховыми компаниями. Большинство из них соглашаются с необходимостью введения налога для гостей страны.

Минтуризма планирует обсудить поправки в законодательство также с другими ведомствами, занимающимися развитием туризма, а затем вопрос будет вынесен на рассмотрение кабинета министров.

**Источник: https://ria.ru/20200211/1564525337.html**

# Дафтари бақайдгирии санҷишҳо:

# зарурат ва истифодаи он



**Кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва таъмини воридоти сариваќтии маблағи андозҳои дар рафти санҷиш ошкоршуда пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд.**

Тибқи қонунгузории амалкунандаи кишвар ҳар як ниҳоде, ки ба корҳои назоратӣ, аз ҷумла санҷиши андозҳо сафарбар мешавад, бояд дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, ки ба соҳибкор аз ҷониби мақомоти андоз дода мешавад, маълумоти заруриро сабт намояд.

Тавре муовини сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шервон Фозилов иттилоъ дод, Дафтари бақайдгирии санҷишҳо дафтари қайди санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба он тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба ҳар як санҷиши гузаронидашудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ворид мешавад. Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз тарафи субъекти хоҷагидор тибқи шакл ва тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мегардад.

Ба гуфтаи номбурда субъектҳои хоҷагидор вазифадоранд, ки ҳар як санҷишро дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо қайд намоянд. Баъди ба субъектҳои хоҷагидор супурдани қарор оид ба гузаронидани санҷиш шахси мансабдори мақомоти санҷиш ва роҳбари субъекти хоҷагидор уҳдадор аст дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо маълумоти зеринро қайд намоянд:

- насаб, ном, номи падар, рақами шаҳодатнома (аз ҷумла шаҳодатномаи махсус), номи мақомоте, ки шаҳодатномаро додааст, муҳлати эътибори шаҳодатнома;

- дар вақти иштироки мутахассиси даъватшуда дар гузаронидани санҷиш- насаб, ном, номи падар, инчунин, рақами шаҳодатномаи хидматӣ, номи ташкилоте, ки намояндаи он мебошад ва дар сурати мустақил будани мутахассис, рақами шаҳодатномаи шахсӣ ва агар тибқи қонун фаъолияти мутахассиси даъватшуда бояд иҷозатнома дошта бошад, рақами иҷозатнома, номи мақомоте, ки иҷозатномаро додааст ва муҳлати эътибори иҷозатнома;

- асос барои санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор, сана ва вақти оғози санҷиш;

- мавзӯъ ва мақсади санҷиш.

Таъкид шуд, ки Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз ба соҳибкор ройгон дастрас карда мешавад ва ҳар як андозсупоранда уҳдадор аст онро дошта бошад.

Ш. Фозилов зикр кард, ки аз моҳи декабри соли 2016 то 1 уми январи соли 2020 аз Дафтари бақайдгирии санҷишҳо 72231 адад, аз ҷумла 46479 адад ба нозиротҳои андози шаҳру навоҳии кишвар ва 25752 адади дигар ба Бахшҳои бақайдгирии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастрас гардидааст.

Таҳлили ҳисоботи пешниҳоднамудаи мақомоти ҳудудии андоз нишон додааст, ки аз моҳи декабри соли 2016 то 1 январи соли 2020 аз 46479 адад дафтари ба нозиротҳои андози ҷумҳурӣ тақсимшуда, 43688 адади он ба андозсупорандагони амалкунанда дастрас шудааст, ки 94 фоизи нишондиҳандаро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, аз 25752 адад дафтари ба шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ пешниҳодгардида, 24009 адади он ба андозсупорандагони навтаъсис дастрас шудааст, ки ин 93,2 фоизро ташкил медиҳад.

Ш. Фозилов бо така ба таҳлили ҳисобот гуфт, ки шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо дар сурати ба итмом расидани Дафтарҳои бақайдгирии санҷишҳо ва мавҷуд будани талабот, аз анбори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста китобҳоро дастрас ва ба андозсупорандагон тақсим менамоянд.

Ёдовар мешавем, ки шахси мансабдори мақомоти санҷиш барои саркашӣ аз ворид намудани маълумот оид ба санҷиши гузаронидаистода дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо масъулияти муқаррарнамудаи қонунгузориро ба дӯш дорад. Ҳамчунин, роҳбари субъекти хоҷагидор, ки дар он санҷиш гузаронида шудааст, уҳдадор аст дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо сана ва вақти анҷоми санҷишҳо, ҳангоми ошкор гардидани вайронкунии шартҳо ва талаботи қонунҳо, тадбирҳое, ки аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти санҷиш нисбати субъекти хоҷагидор андешида шудаанд ва мулоҳизоти худ дар шакли «Розиам», «Розӣ нестам», «Ба эродҳо розиам»- ро зикр намояд. Дар сурати Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро надоштани субъектҳои хоҷагидор шахси мансабдори мақомоти санҷиш дар санади санҷиш сабтҳои дахлдор ворид менамояд.

Аз ин рӯ, соҳибкоронро зарур аст, ки барои дастрас намудани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба мақомоти андоз муроҷиат кунанд ва харҷи зудтар дар фаъолияти худ аз он истифода намоянд. Дар сурати надоштани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо кормандони мақомоти андоз ва дигар ниҳодҳо уҳдадор мебошанд, ки дар фаъолияти чунин субъектҳо ҷорандешӣ намоянд.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

# Баҳри тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ

**Дар толори видеоконференсияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки шахсони масъули Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, ВМКБ, Суғду Хатлон сардорони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷаласаи корӣ баргузор гардид.**



Дар ҷаласа нишондиҳандаҳои самти фаъолияти гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда доир ба кам кардани бақияпулиҳои андоз, рафти ҷамъоварии маблағҳои патент дар моҳи январи соли 2020 ва вазифагузориҳо барои давраи минбаъда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.

Сардори Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андоз Ш. Кабирзода таъкид намуд, ки ҷиҳати таъмини иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда дар моҳи январи соли 2020 ва моҳҳои минбаъда бо истифода аз захира ва имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла кам кардани бақияи қарзи андозҳо, бақайдгирии субъектони нав, аз ҳисоби мутобиқ намудани гурӯҳи фаъолият ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 ва дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ дар ин самт чораҳои иловагӣ андешида шавад.

Таъкид шуд, ки гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда дастуру супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андозро оид ба маъмурикунонии андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дуруст ва пурра роҳандозӣ намоянд.

Қайд гардид, ки рафти ҷамъоварии маблағи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда дар моҳи январи соли 2020, дар миқёси ҷумҳурӣ, ба ҳолати 1 феврали соли 2020 ба андозаи 47,2 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 23,4 млн. сомонӣ ҳамагӣ 11 млн. сомонӣ андозҳо ворид карда шудааст.

Иҷрои нақша дар моҳи январи соли 2020 дар ВМКБ 16 фоиз, вилояти Хатлон 44,9 фоиз, вилояти Суғд 54,8 фоиз, шаҳри Душанбе 42,7 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 44,3 фоиз таъмин шудааст.

Зикр шуд, ки рафти ҷамъоварии маблағҳои патент дар моҳи январи соли 2020 нисбат ба моҳи январи соли 2019 ва моҳи декабри соли 2019 ташвишовар буда, корҳои анҷомдодашуда қаноатбахш нестанд.

Масалан, ҷамъоварии маблағи патент дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 27,4%, Восеъ 43,2%, Фархор 43,9%, Данғара 28,7%, Ҳамадонӣ 36%, Бохтар 41,4%, Ховалинг 27,2%, Шамсиддин Шоҳин 11,2%, Вахш 43,5%, Шаҳритуз 43,5%, Леваканд 19,7%, Ҷаллолиддини Балхӣ 32%, Истаравшан 47%, Гулистон 38,0%, Мастчоҳ 27,8%, Деваштич 42,1%, Бустон 31,5%, Ашт 44,1%, Исфара 43,6%, Шоҳмансур 40,4%, Фирдавсӣ 43,5% ва Сино 40,3%, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – Ваҳдат 34,9%, Варзоб 23%, Ҳисор 41,5% ва Файзобод 38,4%, таъмин шудааст.

Масъалаи дигари ташвишовар, ин давра ба давра зиёд гардидани шумораи қарздорон ва маблағи бақияпулиҳои патент ба ҳисоб меравад. Новобаста аз таъкидҳои пайваста ва ҷаласаҳои корӣ, мутаассифона, баъзе нозиротҳои андоз аз уҳдаи иҷрои пардохти маблағи патент набаромада, ба афзоиши бақияи қарзи андозҳо роҳ додаанд.

Тибқи махзани маълумоти барномаи компютерии СМИИА дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент (бо дарназардошти изофапулиҳо) 38,7 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли 2019 ба андозаи 10,6 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Аз маблағи умумии бақияпулиҳои андоз 13,6 млн. сомонӣ ё 25,5 фоизи он ба вилояти Хатлон, 10 млн. сомонӣ ё 18,7 фоиз ба вилояти Суғд, 20,8 млн. сомонӣ ё 38,9 фоиз ба шаҳри Душанбе ва дар маҷмӯъ 9 млн. сомонӣ ё 16,9 фоиз ба нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Дар идомаи ҷаласа таъкид шуд, ки мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади рӯёнидани маблағи бақияи қарзи андозҳои соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда чораҳои иловагӣ андешанд ва ҷиҳати кам кардани маблағи қарзи андозҳо ва шумораи соҳибкорони бефаъолият корҳои фаҳмондадиҳиро ҷоннок намоянд.

Ҳамчунин, минбаъд ҳангоми барҳам додани фаъолияти андозсупорандагон асоснокии қатъ намудани фаъолиятро мавриди баррасӣ қарор дода, дар маҳалли амалигардонии фаъолият корҳои назоратӣ гузаронанд ва ба ивазшавии субъектҳои соҳибкорӣ аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд.

Дар ҷаласа шахсони мутасаддии Раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва сардорони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда вазифадор карда шуданд, ки пайваста аз рӯи фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда назорат кунанд ва иҷрои пардохти нишондиҳандаҳои маблағи патентро пурра таъмин намоянд.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

---

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Минфин предложил повысить налог на добычу угля, сообщили СМИ

**Минфин РФ в январе разработал предложения по росту НДПИ для компаний, ведущих добычу полезных ископаемых, не относящихся к углеводородам, пишет газета «Коммерсант» со ссылкой на источники в правительстве.**



Как отмечает издание, это делается в рамках поручений президента Владимира Путина. Наиболее серьезно инициатива может затронуть угольную отрасль.

По данным газеты, министерство предлагает установить к ставкам НДПИ при добыче угля дополнительное слагаемое, учитывающее конъюнктуру мировых рынков энергетического и коксующегося углей. При этом слагаемое не будет использоваться в случае падения экспортных цен ниже определенного уровня. Мера позволит увеличить доходы бюджета на 40 миллиардов рублей в год и приведет к снижению рентабельности продаж угольных компаний на 3 процентных пункта, в среднем до 21%, в условиях 2018 года. Этот уровень, по мнению Минфина, является приемлемым.

Председатель совета директоров ООО «Колмар груп» Анна Цивилева заявила газете, что компания выступает против роста НДПИ, так как рынок угля находится в кризисном состоянии, а роста цен не ожидается.

Минфин обдумывает изменить расчет НДПИ и для алмазов (сейчас ставка составляет 8% от стоимости). Прейскуранты цен на необработанные алмазы, в соответствии с которыми ведется оценка, подлежат ежеквартальному пересмотру с учетом мировых цен. Эта процедура занимает от одного до двух месяцев, и цены теряют актуальность. Минфин предлагает использовать для расчета НДПИ фактические цены реализации камней, а не цены прейскурантов, обновляемых ежеквартально, но не ниже цен их первичной оценки. В этом случае бюджет мог бы дополнительно получить около 3,3 миллиарда рублей в год.

Кроме того, Минфин предлагает рассмотреть вопрос роста НДПИ при производстве минеральных удобрений. Речь идет о том, чтобы применять для расчета налога новый подход, сходный с налогом на дополнительный доход для нефти и газа. В этом случае налогом облагается не объем добытой продукции, а финансовый результат - разница между выручкой от продажи сырья и понесенными расходами, в том числе капитальными.

В Минфине не предоставили комментарий газете.

**Источник: https://ria.ru/20200211/1564525337.html**

# Вазъи пешниҳоди эъломияҳои андоз

**Яке аз масъалаҳои ташвишовар, ки боиси пурра ба андозбандӣ ҷалб нагардидани даромади воқеии андозсупорандагон мегарад, ин сари вақт пешниҳод нашудани эъломияҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон, пешниҳоди эъломияҳои сифрӣ ва эъломияҳое, ки дар онҳо даромади ночиз нишон дода мешаванд, ба ҳисоб меравад.**



Дар соли 2019 -ум 5185 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандаи нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе эъломияҳои андозии худро бо нишон додани даромади то 100 ҳазор сомонӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд. Ин рақам дар соли 2018 -ум 5684 ададро ташкил медод. Нишондиҳандаи мазкур нисбати шахсони ҳуқуқӣ дар ноҳияҳои Шоҳмансур 66,4 фоиз, Исмоили Сомонӣ 69,1 фоиз, Фирдавсӣ 52,8 фоиз ва Сино 56,7 фоиз ва соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда дар ноҳияҳои Шоҳмансур 56,3 фоиз, Исмоили Сомонӣ 51 фоиз, Фирдавсӣ 28,9 фоиз ва Сино 57,4 фоизро ташкил менамояд.

Тавре муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид қайд намуд, дар нозиротҳои андози шаҳри Душанбе 4513 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ эъломияҳои худро тариқи сифрӣ пешниҳод кардаанд. Дар ин давра аз 2030 соҳибкори инфиродии ноҳияи Шоҳмансур 445 адад ва аз 1648 шахси ҳуқуқӣ 585 адади он ба мақомоти андоз эъломияи сифрӣ пешниҳод намудаанд. Аз 1258 соҳибкори инфиродии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 280 адади он ва аз 2057 шахси ҳуқуқӣ 698 адади он ба мақомоти андоз эъломияи сифрӣ пешниҳод кардаанд. Дар ноҳияи Фирдавсӣ аз 3132 соҳибкори инфиродӣ 644 адад ва аз 1231 шахси ҳуқуқӣ 438 адади он ба мақомоти андоз эъломияи сифрӣ пешниҳод намудаанд. Дар ноҳияи Сино аз 2778 соҳибкори инфиродӣ 690 адад ва аз 2125 шахси ҳуқуқӣ 733 адади он ба мақомоти андоз эъломияи сифрӣ пешниҳод кардаанд.

Ба гуфтаи мавсуф, нишондиҳандаи пешниҳоди эъломияҳои сифрӣ ва бефаъолият нисбат ба соли гузашта 2,9 фоиз кам шудааст, аммо агар ба ҳисоби миёна аз се ду ҳиссаи андозсупорандагон ё ба ҳисоби миёна то 60 фоизи андозсупорандагон эъломияҳои сифрӣ пешниҳод кунанд, таъмини иҷрои нақшаи воридоти андозҳо имконнопазир мегардад.

Ба ҳолати 1 –уми январи соли 2020 дар шаҳри Душанбе 7061 ташкилоту корхонаи шакли моликияташон гуногун ва 9198 соҳибкори инфиродии фаъолиятдошта, мутаносибан 4595 корхона ба ҳисоби миёна 60,8 фоиз ва 6897 соҳибкори инфиродӣ ба ҳисоби миёна 76,7 фоиз ҳисоботи худро дар мухлатҳои муқарраршуда ба нозиротҳои андози маҳалли худ пешниҳод намудаанд. Аз шумораи умумии андозсупорандагон аз 7061 шахси ҳуқуқӣ 1155 адади он ва аз 9198 соҳибкори инфиродӣ 2092 адади он ба мақомоти андоз умуман ҳисобот пешниҳод накардаанд.

О. Муҳаммадсаид илова намуд, ки дар соли 2019 бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, яъне тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳо 12596 андозсупоранда ба чунин тартиб гузаронида шуда, айни ҳол дар шаҳри Душанбе аз 16978 андозсупоранда 12596 адади он эъломияҳои худро ба тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд.

Зимнан, талаботи моддаи 601 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияҳои андоз ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ намудаст.

Бинобар ин, нозиротҳои андозро зарур аст, ки бо мақсади татбиқи талаботи қонунгузорӣ ва чораҳои таъсирбахши ҷорӣ гардидани интизоми андозсупории андозсупорандагон, самаранок татбиқ намудани муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт пайваста чораҳои дахлдор андешида, риояи талаботи қонунгузориро таъмин намоянд.

**Ф. ҶОВИД**

**Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва тибқи муқаррароти моддаҳои 600, 620, 623 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати андозсупорандагон, дарёфти манбаъҳои иловагии андоз, андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ҳисобу пардохт намудани андозҳои маҳаллӣ, ташкил намудани санадҳои муқоисавӣ, Гурӯҳи корӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ сафарбар гардид.**

# Чораҳо баҳри ситонидани қарзҳо



Тавре ки сардори Гурӯҳи корӣ - мутахассиси пешбари Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимҷон Салимов гуфт, қарзи андозҳои андозсупорандагони дар қайди Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъбуда ба ҳолати 1 декабри соли 2019-ум 7,8 млн. сомониро ташкил намуда, нисбати ба аввали соли ҷорӣ 1,5 млн. сомонӣ кам гардидааст. Шумораи андозсупорандагони қарздор 729 адад (шахсони ҳуқуқӣ 266 адад ва соҳибкори инфиродӣ 463 адад)-ро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 460 адад кам шудааст.

Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ бо татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагони қарздор ва андешидани тадбирҳои таъсирбахш, бақияи қарзи 403 андозсупорандаи қарздорро ба маблағи 821,5 ҳазор сомонӣ пурра рӯёниданд.

**Мутобиқи маълумот дар 12 моҳи соли 2019 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ нисбати 173 андозсупоранда доир ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 7,9 млн сомонӣ 223 адад қарор қабул ва аз ин ҳисоб ба буҷет маблағи 6,4 млн сомонӣ ворид шудааст, ки 80,3%-и маблағи умумии қарорҳои қабулгардидаро ташкил медиҳад.**

Бояд қайд кард, ки дар ин давра аъзои Гурӯҳи корӣ дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва ба роҳ мондани чораҳои таъсиррасонӣ нисбати андозсупорадагоне, ки бақияпулиҳои андозиашон нисбатан зиёд мебошад, чораҷӯӣ намуданд.

Масалан, дар натиҷаи ба роҳ мондани чораҳои таъсиррасонӣ, аз ҳисоби ҶДММ «Ансор 2017», ки бақияи қарзи андозҳояш 1 105 ҳазор сомониро ташкил медод 400 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардида, бо дарназардошти пешниҳод шудани эъломияҳо ва дар ҳисобварақаи ҷамъият тағйирот ворид ва қарздории он пурра бартараф гардид.

Ҳамчунин, ҶДММ “Тоҷи Восеъ”, ки аз қабили ширкатҳои моҳияти иқтисодинадошта (ширкатҳои якрӯза) ба ҳисоб рафта, бақияи қарзи андозҳояш ба санаи 15 декабри соли 2019-ум 974,1 ҳазор сомониро ташкил медод, дар натиҷаи корҳои назоратӣ ва ба роҳ мондани чораҳои таъсиррасонӣ, 87 ҳазор сомонӣ рӯёнида шуд.

Ба ғайр аз ин, дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ нисбати шахсони масъули Беморхонаи марказии ноҳияи Восеъ ки маблағи бақияи қарзи андозҳояш аз солҳои 2015-2019 пайдо гардида, 585 ҳазор сомониро ташкил медод, 180 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

Ба ҳамин монанд, дар натиҷаи чораҳои андешидашуда ва корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳои ФҶСК “Шабакаҳои барқи Кӯлоб” 80,3 ҳазор сомонӣ, МД “Идораи давлатии мошинӣ” 44,5 ҳазор сомонӣ, Муассисаи “ДТ Литсеи техникии ноҳияи Восеъ” 62,3 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Ёқуб-2010” 90 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Ниагара А” 36,3 ҳазор сомонӣ, Воҳиди алоҳидаи ҶДММ “Шамс А” 34,3 ҳазор сомонӣ, ҶСК “Хоҷа Мумин” 33,1 ҳазор сомонӣ, КФ «Сохтмону истифодабарии оби нӯшокии деҳот» 22,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Диловар Н” 13,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Закия” 21,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ “Шаҳриёр Сохтмон” 8,9 ҳазор сомонӣ, КТ “Хайриддин 2015” 15,8 ҳазор сомонӣ, Назаров Қурбоналӣ 7,1 ҳазор сомонӣ, соҳибкорони инфиродӣ Ҷамшед Ҳамидов 7,5 ҳазор сомонӣ, Назарбӣ Ҳасанова 4,6 ҳазор сомонӣ, Сафаралӣ Ашуров 9,3 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби дигар андозсупорандагон, дар маҷмӯъ, 821,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин гардид.

Ҳамин тариқ, Гурӯҳи корӣ дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва дигар шаклҳои таъсиррасонӣ, аз ҳисоби бақияпулиҳои андоз, бе дарназардошти маблағҳои ҳисобшудаи ҷорӣ, дар моҳи декабри соли 2019, дар маҷмӯъ 821,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

Қобили зикр аст, ки баъзан андозсупорандагон, ҳангоми пешниҳоди ҳисобот ва эъломияҳои андоз ба нозироти андоз манбаъҳои андозбандияшонро дуруст нишон надода, бо ҳар роҳу восита аз пардохт намудани андозҳо канораҷӯӣ менамоянд. Танҳо дар моҳи декабр дар фаъолияти 24 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа, 93,8 ҳазор сомонӣ барилова ҳисоб ва ба буҷет рӯёнида шуд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Омодагӣ ба маъракаи муҳим

**13 –уми феврали соли 2020 директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода зимни нишасти матбуотӣ қайд намуд, ки дар соли 2019 корхонаҳои саноатӣ якҷоя бо соҳибкорони хусусӣ ба маблағи 27586 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки ин нисбат ба соли 2018 бо нархҳои муқоисавӣ 13,6 фоиз зиёд аст.**

Номбурда илова намуд, ки дар ин давра, сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ ба маблағи 12140,3 млн сомонӣ истифода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 –ум 93,7 фоизро (бо нарҳои муқоисавӣ) ташкил медиҳад.

Музди ҳадди ақал 400 сомониро ташкил дода, дараҷаи музди ҳақиқии меҳнат (бо тағйироти индекси нархҳо) дар моҳи декабри соли 2019 нисбат ба моҳи ноябри соли 2019 –ум 1,7 фоиз зиёд ва нисбат ба моҳи декабри соли 2018-ум 4,4 фоиз кам шудааст.

Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4523,7 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018 –ум 7,1 фоиз ё 299,4 млн доллар зиёд мебошад.

Дар ин давра, содироти мол 1174,4 млн долларо ташкил кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 –у 9,4 фоиз ё 101,1 млн доллар зиёд мебошад. Воридоти мол ба ҷумҳурӣ 3349,3 млн долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2018 –ум 6,3 ё 198,3 млн доллар зиёд аст. Вроидоти мол, аслан, аз мамлакатҳои Россия 30,1 фоиз аз ҳаҷми умумии воридот, Қазоқистон 22,1 фоиз, Чин 18,1 фоиз, Ӯзбекистон 5,7 фоиз, Туркия 4,3 фоиз, Олмон 2,3 фоиз, ИМА 2,2 фоиз, Ҷопон 2 фоиз, Покистон ва Эрон 1,4 - фоизӣ, Қирғизистон 1,3 фоиз, Украина 1,1 фоиз ва ғайра амалӣ шудааст.

Гулнора Ҳасанзода зикр намуд, ки айни замон барои тарғибу ташвиқи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 то 15 октябри соли 2020 гузаронида мешавад, дар ҳамкорӣ бо Хазинаи нуфузи СММ 2600 тақвими деворӣ ва рӯимизӣ, 130 ҳазор тақвими кисагӣ ва 3630 варақаи таблиғотӣ омода гардидаанд.

Бояд гуфт, ки 27 декабри соли 2019 аз ҷониби Хазинаи нуфуз ва намояндагии Комиссари олии СММ дар умури паноҳандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил 337 планшет тақдим гардид, -илова намуд Гулнора Ҳасанзода. - Планшетҳои мазкур дар оянда пас аз гузаронидани ин маъракаи муҳими сиёсӣ барои тадқиқоти оморӣ истифода хоҳанд шуд.

Номбурда зикр кард, ки маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ фақат бо мақсади оморӣ ба даст оварда, махфӣ нигоҳ дошта мешавад. Ҳамаи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ истиқомат менамоянд ва ё муваққатан ба хориҷа рафтанд, инчунин, шаҳрвандони хориҷӣ, ки муваққатан дар ҳудуди ҷумҳурӣ мебошанд, ба рӯйхат гирифта мешаванд.

- Ҳамаи маълумоти дар вақти барӯйхатгирӣ гирифташуда баягон тадбирҳои маъмурӣ, тақсимоту истифодаи масоҳати манзил ва дигар воситаҳои хизмати коммуналӣ дахл надорад,-гуфт директори Агентӣ. - Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бе талаби ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маълумоти шахсӣ гузаронида мешавад.

Ҷинс, синну сол, сана ва ҷои таваллуд, миллат, забони модарӣ, донистани дигар забонҳо, шаҳрвандӣ, ҳолати оилавӣ, шумораи фарзандон, таҳсилот, ҷои зист, фаъолияти муҳоҷиратӣ, шароити манзилӣ, фонди манзил, манбаъҳои воситаҳои зиндагӣ ва шуғл аз саволҳое мебошанд, ки дар варақаи барӯйхатгирии аҳолӣ ҷой дода шудаанд.

**М. ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Китай отменил налоги и ввел премии для участников борьбы с коронавирусом

**При этом будет отменен НДС для компаний, которые обеспечивают доставку жизненно необходимых товаров**

Китайские власти отменили налоговые платежи и будут выдавать поощрительные премии врачам и другим участникам общенациональной программы по борьбе с пневмонией, которая вызвана вирусом 2019-nCoV., поведал Минфин КНР.

Данное решение уже одобрено Налоговым управлением Китая.

Согласно новым мерам, медицинские принадлежности и препараты, которые приобретены по безналичному расчету и выдаваемые сотрудниками в китайских учреждениях и общественных организациях на фоне вспышки коронавируса, не будут облагаться индивидуальным подоходным налогом и учитываться при расчете зарплаты.

Также по решению правительства будет отменен НДС для логистических и курьерских компаний, которые обеспечивают доставку населению жизненно необходимых товаров. Особые налоговые преференции распространятся на национальные компании в области транспортных коммуникаций, ресторанного и гостиничного хозяйства, туризма, которые из-за коронавируса в 2020 г. понесли значительные убытки.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Таъмини иҷрои андозҳо

**Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ соли 2019 аз уҳдаи иҷрои нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ баромад.**



Тавре мудири бахши баҳисобгирии даромадҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Восеъ Далер Шарофуддинов зикр кард, соли сипаригардида кормандони нозироти андози ноҳия ба ҷойи 46215680 сомонӣ ба буҷети давлатӣ 46222841 сомонӣ ворид намуданд, ки нисбати нақшаи пешбинигардида 7161 сомонӣ зиёд мебошад.

Мавсуф ҳамчунин, қайд кард, ки дар ин давра дар нозироти андози ноҳия 652 шахси ҳуқуқӣ, 474 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 1492 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ва 3153 хоҷаги деҳқонӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Зикр шуд, ки дар натиҷаи гузаронидани семинар - машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни андозсупорандагон аз 8 млн 383 ҳазор сомонӣ бақияи қарзи андоз 962,4 ҳазор сомониаш кам гардид.

Кормандони нозироти андоз, ҳамчунин, миёни андозсупорандагони ноҳия санҷишҳои амалиётӣ ва корҳои назоратиро ба роҳ мондаанд, ки дар натиҷа, як қатор қонуншиканиҳои андозсупорандагон ошкор гардид. Аз ҷумла, дар соли сипаригардида дар фаъолияти 36 нуқтаи савдо ва марказҳои хизматрасонию нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ муоинаи хронометражӣ гузарониданд, ки дар натиҷа, 13 нафар соҳибкорро тибқи моддаи 614 - 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таври дуруст истифода накардан аз мошини назоратӣ - хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ дорои ТИЭ) ба маблағи 35 ҳазору 200 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб ва ҷарима намуданд. Аз маблағи зикршуда ба буҷети давлатӣ 26 ҳазору 540 сомонӣ ворид гардидааст. Ҳамчунин, дар ин давра 15 соҳибкори дигарро тибқи моддаи 620 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод накардани ҳисобот ва сари вақт напардохтани андози иҷтимоӣ ба маблағи 42 ҳазору 350 сомонӣ ҷарима карданд.

Дар фаъолияти 142 андозсупоранда назорати камералӣ ба маблағи 1 миллиону 984 ҳазор сомонӣ гузаронида шудааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, шаҳри Кӯлоб**

# Пешниҳоди таклифу дархостҳо ба Кодекси андоз

Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода 13 феврал зимни нишасти матбуотӣ қайд кард, ки вобаста ба рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ бо дарназардошти маблағҳои барои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ҷалбшуда ва маблағҳои махсуси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ба 23,2 миллиард сомонӣ баробар гардида, иҷрои нақшаи нишондиҳандаҳои мазкур 99,7 фоиз таъмин шуд. Ба буҷети давлатӣ соли сипаригардида аз ҳисоби даромадҳои дохилӣ 11 миллиард сомонӣ ва аз ҳисоби пардохтҳои гумрукӣ 5,5 миллиард сомонӣ ворид гардид.

- Рушди иқтисодии мамлакат, дар ин давра, асосан, аз ҳисоби 13,6 фоиз зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 7,1 фоизи соҳаи кишоварзӣ ва 9 фоиз гардиши савдо ва хизматрасонии пулакӣ-дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ 2,9 фоиз таъмин шудааст, - қайд намуд. Ф. Қаҳҳорзода. - Инчунин, ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ба зиёда аз 4,5 миллиард доллари амрикоӣ баробар гардид, ки дар қиёс нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта беш аз 299 миллион доллар ё ба андозаи 7,1 фоиз зиёд мебошад. Ҳамзамон, соли гузашта Тоҷикистон ба хориҷа ба маблағи зиёда аз 1,1 миллиард доллари амрикоӣ молу маҳсулот содирот намуд, ки ҳиссаи он дар гардиши савдои хориҷӣ 26 фоизро ташкил медиҳад. Ба Тоҷикистон аз давлатҳои хориҷӣ ба маблағи зиёда аз 3,3 миллиард доллари амрикоӣ молу маҳсулот ворид шуд, ки дар қиёс ба соли 2018-ум 198,3 миллион доллари амрикоӣ ё 6,3 фоиз зиёд буда, ҳиссаи воридот дар гардиши савдои хориҷӣ 74 фоизро ташкил додааст.

Гуфта шуд, ки дар сохтори ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ пардохтҳои андозӣ ва ғайриандозӣ 17,8 миллиард сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 2,1 миллиард сомонӣ ва маблағҳои азхудшудаи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 3,1 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Файзиддин Қаҳҳорзода илова намуд, ки бо мақсади қабули таклифу пешниҳоди андозсупорандагон, институтҳои молиявӣ ва созмонҳои байналмилаливу молиявӣ ҷиҳати таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав дар назди Вазорати молия сомона – www.kodeks2020.tj фаъол карда шуд, ки тавассути он ва тариқи хаттӣ тақрибан 500 таклифу пешниҳод манзур гардидааст.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# ВАЗЪИЯТ

**Мақомоти андози кишвар пайваста кӯшиш мекунанд, ки нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро сари вақт ва сифатан иҷро намоянд.**



## Ҳолати таъмини нақша

-Иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз ҷониби мақомоти андоз, дар соли 2019 дар маҷмӯъ, ба андозаи 96,1% таъмин гардидааст. Яъне ба ҷойи 11 млрд. 571,1 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети давлатӣ 11 млрд. 121,8 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 450,0 млн. сомонӣ кам ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта ба буҷет воридшуда 600,0 млн. сомонӣ (5,7 фоиз) зиёд мебошад, - қайд гардид дар ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда. - Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 106,1%, вилояти Хатлон – 100,1%, вилояти Суғд – 100,0%, шаҳри Душанбе – 100,9% ва Нозироти андозсупорандагони калон 67,1% таъмин гардидааст.

Дар баробари ин, дар давраи ҳисоботӣ иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён ҳамагӣ 91,6%, Абдураҳмони Ҷомӣ 79,3%, Ҷайҳун 95,7%, Панҷ 86,6%, Исфара 95,4%, Хуҷанд 94,0%, Спитамен 97,8%, Роғун 80,6% ва Турсунзода 96,6% таъмин шудааст.

## Омилҳои иҷро нашудани нақшаи воридоти андозҳо

Дар ҷаласа инчунин зикр шуд, ки таъмин нагардидани иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар давраи ҳисоботӣ чанд сабаб дошт. Тибқи маълумоти Кумитаи андоз, ҳангоми таҳияи буҷети ҷумҳуриявӣ ва муқаррар намудани нақша нисбати корхонаҳои калон ва ширкатҳои мобилӣ тайи солҳои охир ба инобат нагирифтани коҳишу афзоиши манбаъҳои андозбандӣ дар ин корхонаҳо ва ширкатҳо, аз ҳисоби санҷишҳои маҷмӯии андоз кам шудани маблағҳои ҳисоб ва ба буҷет пардохтшуда, аз тарафи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ сари вақт ва нокифоя маблағгузорӣ шудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва иншоотҳои муҳими давлатӣ, кам шудани даромади корхонаҳои калони саноатӣ бино бар сабаби дар бозори ҷаҳонӣ паст шудани нархи баъзе ашё ва моли ба содирот нигаронидашуда ва афзоиш наёфтани манбаъҳои андозбандӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ба таъмин нашудани иҷрои нақша сабаб гардидаанд.

Чунин ҳолат ба таъмини сифатноки иҷрои нақша таъсири манфӣ расонидааст. Аз ин рӯ, дар ин давра нақшаи андоз аз даромад (95,6%) ва андоз аз арзиши иловашуда (77,7%) пурра таъмин нагардидааст. Дар натиҷаи пурра иҷро нашудани ин ду намуди андоз ба хазинаи кишвар маблағи 728 млн. сомонӣ ворид нагардидааст.

## Кам гардидани даромади корхонаҳо

Сифатан таъмин нашудани иҷрои нақшаи андозҳо, пеш аз ҳама, ба нисбатан кам гардидани манбаъҳои андозбандии ширкатҳои мобилӣ, аз ҷониби корхонаҳои сементбарорӣ содирот намудани маҳсулот, ки бо меъёри сифрии андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешаванд, кам гардидани даромади корхонаҳои калони истеҳсолӣ, тайи солҳои охир муқаррар гардидани имтиёзҳои иловагии андозӣ дигар омилҳо вобаста мебошад.

## Бақияи қарзи андозҳо

Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 маблағи умумии 581 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 144 млн. сомонӣ кам гардидааст. Дар натиҷаи тадбирҳои аз ҷониби мақомоти андоз андешидашуда, тайи солҳои охир бақияи қарзи андозҳо нисбат ба ҳаҷми умумии воридоти андозҳо кам гардида истодааст. Аз ҷумла, агар дар соли 2015 ҳиссаи бақияи қарзи андозҳо нисбат ба воридоти андозҳо 8,7 фоизро ташкил дода бошад, пас, дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба 5,2 фоиз баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2015 ба андозаи 3,5 фоиз кам мебошад.

Бояд зикр кард, ки агарчи дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзи андозҳо дар 67 шаҳру ноҳия дар ҳаҷмҳои гуногун кам гардидааст, мутаассифона, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Роғун 5,4 млн. сомонӣ, Рашт 88 ҳазор сомонӣ, Сангвор 194 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 1,2 млн. сомонӣ, Ҷайҳун 551 ҳазор сомонӣ, Левакант 146,0 ҳазор сомонӣ, Муъминобод 407 ҳазор сомонӣ, Норак 617 ҳазор сомонӣ, Дарвоз 160 ҳазор сомонӣ, Нозироти андози андозсупорандагони калон дар вилояти Суғд 4,5 млн. сомонӣ ва Нозироти андози андозсупорандагони калон дар шаҳри Душанбе 4,8 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Оид ба ситонидани қарзи андозҳо дар Мушовара гуфта шуд, ки дар соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз нисбати 5743 андозсупорандаи қарздор, дар маҷмӯъ, 8410 қарор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи умумии 940,2 млн. сомонӣ қабул карда шудааст. Аз ҳисоби қарорҳои мазкур ба буҷети давлатӣ 808 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида, ки иҷрои онҳо идома доштанд, 41 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки дар натиҷа, маблағи умумии ба буҷет воридкардашуда 849 млн. сомониро ташкил додааст ва нисбат ба соли 2018 ба андозаи 129 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аз 8 410 адад қарори маҷбуран ситонидани қарзи андозҳои дар давоми соли 2019 қабулшуда, иҷрои 6 409 адад ё худ 76,2 фоизи он пурра таъмин гардидааст. Агар шумораи қарорҳои иҷрошуда нисбат ба соли 2018 ба миқдори 1357 адад зиёд шуда бошанд ҳам, дар давраи ҳисоботӣ иҷрои қарорҳо оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати як қатор андозсупорандагони қарздор қабулгардида пурра таъмин нашудааст ва дар баъзе аз нозиротҳои андоз маблағҳои аз ҳисоби қарорҳо воридшуда ҳамагӣ то 60 фоизи маблағи қарори қабулгардидаро ташкил менамояд.

## Мушкилоти андози иҷтимоӣ

Дар ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андоз инчунин зикр гардид, ки иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ қариб дар аксар маврид дар ҷумҳурӣ таъмин намешавад. Бақияи қарзи андози иҷтимоии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 8,7 млн. сомонӣ зиёд гардида, ба санаи 1 январи соли ҷорӣ 25,6 млн. сомониро ташкил намудааст. Бақияи қарзи нисбатан зиёд аз ҳисоби андози иҷтимоии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вахш 6,2 млн. ҳазор сомонӣ, Кӯлоб 2,1 млн. сомонӣ, Кушониён 2,8 млн. сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 2,2 млн. сомонӣ, Ховалинг 1,7 млн. сомонӣ, Фархор 1,1 млн. сомонӣ, Восеъ 1,8 млн. сомонӣ, Шаҳритус 1,1 млн. сомонӣ, Ҷайҳун 1,3 млн. сомонӣ, Муъминобод 818 ҳазор сомонӣ, Панҷ 715 ҳазор сомонӣ, Ёвон 586 ҳазор сомонӣ, Қубодиён 217 ҳазор сомонӣ, Хуросон 176 ҳазор сомонӣ, Рӯдакӣ 861 ҳазор сомонӣ ва Ваҳдат 1,4 млн. сомонӣ ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки новобаста аз тадбирҳои дар ин самт андешидаи Кумитаи андоз, мутаассифона, дар соли 2019 шаҳру ноҳияҳои Кушониён, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷайҳун, Кӯлоб, Фархор, Восеъ, Шаҳритус, Панҷ ва Рӯдакӣ ба зиёдшавии бақияи қарзи андози иҷтимоии буҷетӣ роҳ додаанд.

Вобаста ба ин, зарурат ба миён меояд, ки мақомоти ҳудудии андоз ба масъалаи кам кардани қарзи андози иҷтимоии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуда, нисбати шахсоне, ки ба пайдоиши бақияи қарзи ин намуди андоз роҳ додаанд, тибқи талаботи қонунгузорӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Тоҷиниссои ЗАЙНИДДИН**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Компания Erich Krause не смогла отменить доначисление налогов

**Арбитражный суд Московского округа оставил в силе судебные акты двух нижестоящих инстанций, которые подтвердили законность решения налогового органа, обязавшего компанию Erich Krause Finland, спонсора телепередачи «Своя игра», доплатить в российский бюджет около 45 миллионов рублей налогов и штрафов.**

Как следует из информации в картотеке арбитражных дел, окружной суд в понедельник отклонил кассационную жалобу финской «дочки» российского дистрибьютора канцтоваров на принятое в мае решение арбитражного суда Москвы и сентябрьское постановление Девятого арбитражного апелляционного суда.

Межрайонная ИФНС России № 47 по Москве установила, что Erich Krause при расчете налога на прибыль незаконно завысила расходы на сумму, равную стоимости рекламных услуг, якобы оказанных ей кипрским офшором Eeama East European Advertisement And Marketing Agency. ИФНС своим решением от 1 сентября 2017 года обязала финскую компанию уплатить более 28 миллионов рублей недоимки по налогу на прибыль, около 11 миллионов рублей пени и около 6 миллионов рублей штрафа, а также внести необходимые исправления в документы бухгалтерской и налоговой отчетности.

Как пояснял налогоплательщик, кипрская компания оказывала ему услуги размещения рекламы Erich Krause в передачах «Своя игра» на телеканале НТВ. Налоговая инспекция, однако, установила, что офшор был фирмой-однодневкой, созданной за месяц до заключения контракта с Erich Krause и не ведшей помимо этого контракта никакой иной деятельности. Налоговый орган Финляндии сообщил ФНС, что со счетов Erich Krause Finland денежные средства в адрес офшора переводились на счета в банках Чехии.

Суд первой инстанции в решении указал, что реальными исполнителями услуг создания и размещения рекламных роликов в «Своей игре» были рекламное агентство «Рикс-Ком», производитель передачи «Студия 2В», агент телекомпании «Газпром Медиа» и сама телекомпания НТВ, размещавшая рекламу. Все услуги оказывались без привлечения Eeama East European Advertisement And Marketing Agency, констатировал суд.

При этом, как указывается в судебном акте, объем денежных средств, поступивших в адрес «Рикс-Ком», был в 15 раз меньше, чем объем денежных средств, поступивших от Erich Krause Finland на счета кипрского офшора за якобы оказанные рекламные услуги.

**Источник: https://ria.ru**

# ЭЪЛОН!

**Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2017, №533 "Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият", барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ рӯйхати субъектҳои бефаъолиятро пешниҳод менамояд.

Аз ин лиҳоз дар сурати пайдо гардидани арзу шикоятҳо нисбати андозсупорандагони бефаъолият, шумо метавонед ба шуъбаи иттилоотии Кумитаи андоз бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 42/2 муроҷиат намоед.

Рӯйхати субъектҳои бефаъолияте, ки аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ёвон, Мастчоҳ, Спитамен, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров ва Истаравшан пешниҳод гардидаанд, дар поён оварда мешаванд.

**Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# РӮЙХАТИ

**андозсупорандагони бефаъолияте, ки аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ёвон, Мастчоҳ, Спитамен, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров ва Истаравшан барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод шудаанд**

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

| № | № | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ | РМА |
|---|---|---|---|---|
| | | **Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор** | | |
| | | Соҳибкорони инфиродӣ | | |
| 113 | 82 | Расулов Ҳикоятуло | 13.11.2009 | 095175972 |
| 114 | 83 | Музафаров Фирӯзбахт | 28.07.2010 | 095289606 |
| 115 | 84 | Меликов Баҳриддин | 09.04.2014 | 125111000 |
| 116 | 85 | Назаров Рустам | 12.05.2010 | 235013514 |
| 117 | 86 | Бурҳонов Насимҷон | 02.05.2012 | 095572217 |
| 118 | 87 | Ниёзов Ҳамза | 23.02.2013 | 095611899 |
| 119 | 88 | Ахмедов Манон | 28.09.2009 | 095097842 |
| 120 | 89 | Холов Суҳроб | 10.07.2014 | 095456626 |
| 121 | 90 | Сайдуллоев Шодибек | 18.04.2016 | 095167063 |
| 122 | 91 | Носиров Султон | 09.03.2017 | 625196849 |
| 123 | 92 | Саидов Шамшод | 20.05.2014 | 095234370 |
| 124 | 93 | Олимов Сироҷиддин | 10.02.2010 | 185146297 |
| 125 | 94 | Зиёева Зулфия | 06.12.2011 | 045576284 |
| 126 | 95 | Мансуров Суҳроб | 13.03.2013 | 095214746 |
| 127 | 96 | Деҳқонов Асадуло | 11.02.2011 | 095009845 |
| 128 | 97 | Қурбонов Абдуҷаббор | 01.02.2010 | 095072206 |
| 129 | 98 | Ҳасанов Тоҷиддин | 09.01.2012 | 095154589 |
| 130 | 99 | Маҳмудов Абдулмаҷид | 15.09.2009 | 095211522 |
| 131 | 100 | Сафоев Ислом | 08.05.2008 | 095131935 |
| 132 | 101 | Ибодов Нурулло | 09.02.2016 | 095182962 |
| 133 | 102 | Зуҳуров Саиджон | 29.05.2010 | 095157033 |
| 134 | 103 | Қадиров Ҳусан | 05.04.2010 | 095095309 |
| 135 | 104 | Одинаев Хусрав | 17.11.2015 | 126103734 |
| 136 | 105 | Раҷабов Қурбоналӣ | 12.08.2014 | 095766304 |
| 137 | 106 | Буриев Қурбоналӣ | 18.02.2010 | 095050594 |
| | | **Нозироти андоз дар ноҳияи Спитамен** | | |
| | | Соҳибкорони инфиродӣ | | |
| 138 | 1 | Абдуллоева Равшан | 11.09.2009 | 595034341 |
| 139 | 2 | Дадабоева Ҳафиза | 11.05.2010 | 595134684 |
| 140 | 3 | Маллаев Ҷаббор | 19.03.2012 | 595278857 |
| 141 | 4 | Насриддинов Нодирҷон | 24.06.2009 | 595181054 |
| 142 | 5 | Абдуқодиров Абдушукур | 13.09.2010 | 515010434 |
| 143 | 6 | Уминов Абдумӯмин | 02.05.2012 | 595287055 |
| 144 | 7 | Ҳамроқулова Нигора | 23.12.2015 | 595281922 |
| 145 | 8 | Саидхуҷаева Дилрабо | 17.12.2010 | 595104872 |
| 146 | 9 | Ходжаев Джамшед | 29.12.2009 | 515092607 |
| 147 | 10 | Раҳимов Сироҷиддин | 15.03.2010 | 595088398 |
| 148 | 11 | Турдимуротов Бекзод | 08.12.2010 | 595254491 |
| 149 | 12 | Умаров Айюбчон | 14.08.2015 | 585050041 |
| | | **Нозироти андоз дар ноҳияи Мастчоҳ** | | |
| | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| 150 | 1 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Матин» | 03.03.2005 | 580006003 |
| 151 | 2 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Авзикент» | 15.08.2007 | 580007119 |
| 152 | 3 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Меҳргон» | 21.10.2011 | 580008505 |
| 153 | 4 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тамаддун» | 16.05.2006 | 580006838 |
| 154 | 5 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Азизи Ҳоҷиён» | 28.08.2012 | 580008691 |
| 155 | 6 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Пахтаи Мастчоҳ» | 17.03.2012 | 580008594 |
| 156 | 7 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Примьер импэкс» | 30.01.2007 | 580007171 |
| | | Соҳибкорони инфиродӣ | | |
| 157 | 1 | Сангов Қурбон | 07.08.2009 | 585018312 |
| 158 | 2 | Раҷабов Муҳаммадхалил | 27.02.2012 | 585171805 |
| 159 | 3 | Арбобов Анварбег | 17.08.2009 | 585016666 |
| 160 | 4 | Қурбонов Абдусатор | 08.04.2011 | 585014492 |
| 161 | 5 | Салохов Сангин | 11.05.2016 | 585137132 |
| 162 | 6 | Ахмадов Ғанибек | 21.09.2015 | 585180515 |
| 163 | 7 | Охунов Охун | 26.04.2011 | 585016569 |
| 164 | 8 | Ҳасанов Ҷумабой | 19.02.2012 | 585239184 |
| 165 | 9 | Раҳматов Мираҳмад | 24.03.2012 | 585011489 |
| 166 | 10 | Бадалов Мирзоаҳад | 20.01.2011 | 585186768 |
| 167 | 11 | Қурбонов Саидаслом | 20.03.2008 | 585023354 |
| 168 | 12 | Қурбонов Ҳабибулло | 17.05.2012 | 585062285 |
| 169 | 13 | Ашӯров Тӯрабек | 29.12.2010 | 585162728 |
| 170 | 14 | Абдуллохонов Муборакхоҷа | 18.04.2011 | 585045041 |
| 171 | 15 | Тошиев Холмаҳмад | 30.01.2007 | 585021196 |
| 172 | 16 | Маликов Абдумалик | 27.03.2007 | 585016204 |
| 173 | 17 | Худжаева Нина | 30.03.2007 | 585027851 |
| 174 | 18 | Назарӣ Гулнора | 31.01.2011 | 585187868 |
| 175 | 19 | Арбобов Умар | 09.01.2010 | 585048683 |
| 176 | 20 | Ҳасанов Маҳмуд | 26.09.2009 | 585026715 |
| 177 | 21 | Ибрагимов Далерҷон | 08.03.2011 | 585048518 |
| | | **Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвон** | | |
| | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| 178 | 1 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бунёди Ёвон» | 08.12.2015 | 400009513 |
| 179 | 2 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ганҷина 95» | 30.05.2013 | 400008445 |
| 180 | 3 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Муродҷон» | 20.02.2007 | 400004848 |
| 181 | 4 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҳоҷӣ Худойбердӣ» | 27.06.2013 | 400008880 |
| 182 | 5 | Кооперативи истеҳсолии «Шобуддин» | 07.03.2013 | 400002627 |
| 183 | 6 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фарид-дун - ЛТД» | 19.11.2009 | 400005273 |
| 184 | 7 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Абдулло Ҳайдаров» | 18.06.2004 | 400004383 |
| 185 | 8 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Форс Интернейшнл» | 05.03.2012 | 400006977 |
| 186 | 9 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҳаракати маъюбон» | 05.08.2013 | 400008988 |
| 187 | 10 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ситораи сулҳ 2012» | 09.11.2012 | 400007242 |
| | | **Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом** | | |
| | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| 188 | 1 | КИ Ганҷина Д | 29.06.2010 | 570003904 |
| 189 | 2 | Маркази солимии репродуктивии шаҳри Конибодом | 27.01.2011 | 570006115 |
| 190 | 3 | Маркази ташаккули тарзи солими зиндагии шаҳри Конибодом | 13.04.2012 | 570003510 |
| 191 | 4 | Маркази эмтаъминкунии шаҳри Конибодом | 27.01.2011 | 570006104 |
| 192 | 5 | Мактаби санъати бачагона | 25.01.2010 | 570005450 |
| 193 | 6 | ҶДММ Хушбахт -А | 25.06.2015 | 570008981 |
| 194 | 7 | ҶДММ Суннат | 28.07.2009 | 570004723 |
| 195 | 8 | ҶДММ Ширкати муҳосибавии Андоз ва ҳуқуқ | 06.04.2010 | 570005613 |
| 196 | 9 | ҶДММ Хузайфа | 17.02.2014 | 570008611 |
| 197 | 10 | ҶСП Заринмоҳии Конибодом | 09.09.2015 | 570009026 |
| 198 | 11 | ҶДММ Миҷгона-2015 | 25.04.2015 | 570008955 |
| 199 | 12 | Идораи маҳсулоттайёркунии дорои масъулияташ маҳдуди ЧМН Конибодом | 19.05.2006 | 570004161 |
| 200 | 13 | Макрказитдавлатии иҷтимоии соҳибкории «Эҳсон» | 10.06.2002 | 570003481 |
| 201 | 14 | АХД Усмонбой Ашуров | 07.09.2009 | 570004770 |
| 202 | 15 | ФЧ канали Калони Фарғона | 09.08.2013 | 570008417 |
| 203 | 16 | Қароргоҳи ёрии тези тиббии шаҳрии Конибодом | 24.01.2011 | 570006080 |

**(Давомаш дар шумораи оянда)**

# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

65 СОМОНӢ
нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408


## Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад, барои соли 2020 идома дорад.

Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пасттар аст.

ҶОМЕА

# Пешгирӣ аз амалҳои номатлуб – вазифаи ҷонии ҳар фард

**Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ифротгароӣ ва терроризм мебошад. Ин зуҳуроти номатлуб, боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш, таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин ба ҳаёти одамон гардидааст.**

Қайд кардан ба маврид аст, ки таълиму тарбияи насли наврас дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва дар пешгирӣ аз ҳар гуна амалҳои номатлуб вазифаи ҷонии ҳар як шахси худогоҳу худшинос аст. Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ шаҳодат дода, таълиму тарбияи нокифояи насли наврас, хусусан, ҷавонон боиси шомил шудани онҳо ба гурӯҳҳои ифротгароӣ мегардад.

Терроризм, аз нуқтаи назари ҳуқуқ, содир шудани амалҳое мебошад, ки ба одамон хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Зӯроварӣ, зулм, фишороварӣ, таҳқир ва паст задани шаъну шарафи инсон, хусусан, гурӯҳҳои дигари этникӣ аз ҷониби ҷомеа ва давлат метавонад эътирозро ба вуҷуд орад, ки он шояд ба ифротгароӣ оварда расонад. Тавре ки ҷараёни таърихӣ нишон медиҳад, ғояҳо ва идеологияҳои ифротгароӣ, ҳамчун ҳодисаи сиёсӣ, дар ду маврид ба миён меоянд.

Имрӯз тамоми ҷомеаи ҷаҳониро фаъолияти номатлуби ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ва ифротгароӣ ба ташвиш оварда, ба масъалаи доғи рӯзи ҷаҳони муосир табдил ёфтааст. Зеро фаъолияти ташкилотҳои тундрав ба амнияти миллии бисёр кишварҳои олам хатари ҷиддӣ эҷод мекунад. Террористон мехоҳанд мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм амалӣ созанд. Ин зуҳурот метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон: дин, сиёсат, идеология, илм ва ҳатто варзиш низ ба миён оянд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид шудааст: **«Мутаассифона, дар олами ислом равияҳое низ арзи вуҷуд кардаанд, ки баъзе амалҳояшон ба фитнакориву тафриқаандозӣ равона гардидаанд. Ин ба моҳияти дини мубини ислом мухолиф аст ва ба он иснод меорад».**

Мо дар даҳсолаҳои охир шоҳиди падидаҳои манфии иҷтимоие гардидаем ки ҳаёти ҷамъиятиву сиёсиро халалдор намуда, ба сулҳу субот ва амнияти давлат халал ворид менамоянд. Ин тамоюл, бешак, мардуми ватандӯст, бахусус, қишрҳои солимфикру пешоҳанги ҷомеаро, ки осудагиву ваҳдати миллӣ ва суботу амният барояшон азиз аст, бетараф гузошта наметавонад. Ин мушкилиест, ки миёни ҷавонон то андозае маълум буда, ҳалли дурусту оқилона ва саривақтиро тақозо дорад. Мақсаду ниятҳои террористон, пеш аз ҳама, халалдор сохтани осоиштагию амнияти мардум, коштани тухми тарсу ҳарос байни аҳли сайёра ва воҳимаангезию иғвогарӣ мебошад.

Дар натиҷаи амалҳои даҳшатафкание, ки имрӯзҳо дар минтақаҳои гуногуни олам рӯй медиҳанд, бештар одамони бегуноҳ ҳалок мегарданд. Ногуфта намонад, ки ифротгароён ин кирдорҳои худро бо шиорҳои динӣ “асоснок” мегардонанд. Ин падида хилофи асосҳои маънавию ахлоқӣ ва ҳуқуқии дини мубини ислом буда кирдорҳои ифротгароён фақат бадном кардани ин дини шариф ва поку наҷиб мебошад.

**Имрӯз роҳи ягонаи пешгирии амали ҷавонон аз ифротгароию тундгароӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи дониши динию дунявии онҳост. Ҳар яки моро лозим аст, ки бо эҳсоси баланди ватандӯстию масъулияти хештаншиносӣ муқобили ин падидаи манфӣ муборизаи дастаҷамъона барем, то ки суботу оромии ҷомеаи ватани маҳбубамон барои ҳамеша пойдор бошад.**

**Т. ЧИЛАЕВ**

# ОГОҲИНОМА

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ворид гардидани муроҷиатҳои зиёди шаҳрвандон вобаста ба татбиқи банди 2), қисми 4, моддаи 291 Кодекси андоз илова ба Огоҳиномаи №1053/4.2, аз 23 январи соли 2020, чунин маълумот медиҳад.**

Бо дарназардошти он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2020, №1676 дар нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурият» санаи 8 январи соли 2020 ба нашр расида, санаи 8 феврали соли ҷорӣ мавриди амал қарор дода мешавад ва давраи ҳисоботии андоз барои супорандагони андози низоми содакардашуда семоҳа муайян шудааст, тартиби интихоби ҳисоби уҳдадории андоз барои соли 2020, чунин амалӣ карда мешавад. Андозсупорандагоне, ки тибқи низоми содакардашуда фаъолият мекунанд, барои муайян намудани (интихоби) тартиби ҳисоб барои соли 2020 метавонанд то санаи 29 феврали 2020 тибқи тартиби муқарраргардида ба мақомоти маҳалли қайди худ ариза пешниҳод намуда, пардохти андози низоми содакардашударо аз даромади умумӣ ва ё аз ҳисоби фарқият байни даромад ва хароҷоти вобаста ба гирифтани даромад, интихоб кунанд.

Усули интихобнамудаи чунин андозсупорандагон барои соли 2020 аз аввали сол (01.01.2020) мавриди амал қарор дода мешавад.

Андозсупорандагоне, ки яке аз усулҳои ҳисоби андози низоми содакардашударо интихоб намудаанд, уҳдадоранд то охири соли ҷорӣ бо ҳамин усул фаъолият намуда, танҳо дар сурати пешниҳод кардани ариза ба мақомоти андози маҳалли қайди худ то 31 декабри соли 2020 ҳуқуқи аз оғози соли минбаъда иваз кардани онро доранд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.




**Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Хирсак» (РЯМ 0110025300) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Сайри Помир-Го Помир» (РЯМ 7010004320) воқеъ дар шаҳри Хоруғ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Ваҳдат» (РЯМ 0110004584) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Имом-Машраб» (РЯМ 3710002056) воқеъ дар ноҳияи Панҷ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Илтифот» (РЯМ 0310003742) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «АЗЗА» (РЯМ 700007961) воқеъ дар шаҳри Хоруғ барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Афшон» (РЯМ 6210008897), воқеъ дар шаҳри Истаравшан барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Садаф-М» (РЯМ 6810001440), воқеъ дар ноҳияи Ашт барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Бахтибек» (РМА 590007031) воқеъ дар ноҳияи Спитамен барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Очил Бобо» (РМА 590007070) воқеъ дар ноҳияи Спитамен барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи истеҳсолии “Шодии халқҳо” (РМА 290006695), воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холиқзода Хирсави Толиб (РЯМ 0331240269) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мансуров Ҳасан (РЯМ 0331327994) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шамсидинов Иброгим (РЯМ 0530118985) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Кулдашева Насибахон (РЯМ 0331250875) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шеров Саидакбар (РЯМ 3730077230) аз ноҳияи Панҷ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нуралиев Шомаҳмад (РЯМ 0530139867) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Шоазимов Абдуҳаким (РЯМ 5530058692) аз шаҳри Исфара бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулов Акбарҷон (РЯМ 0530170456) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримова Маҳбуба (РЯМ 725083406) аз шаҳри Хоруғ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидов Бахтиёр (РЯМ 6330155508) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Низомиддинов Садриддин (РЯМ 6830003987) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муллоҷонов Фурқатҷон (РЯМ 6230195309) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳоҷиев Нуриддин (РЯМ 6230178644) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Муродов Зафар (РЯМ 1130015407) аз ноҳияи Нуробод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Дустова Рухшона (РЯМ 0130166071) аз ноҳияи Шоҳмансур бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Обидова Шарофат (РЯМ 5430026681) аз ноҳияи Зафаробод бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Аноров Олимҷон (РЯМ 5430015452) аз ноҳияи Зафаробод бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Шамсуддин Тағаймуродов (РЯМ 2930012773) аз ноҳияи Вахш бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Саймуродов Азимжон (РЯМ 2930019639) аз ноҳияи Вахш бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қаюмов Шӯҳратҷон (РЯМ 6330134892) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Абдуносир” (РЯМ 3730018857) аз ноҳияи Панҷ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Шаҳроми Худоидод” (РЯМ 3730018857) аз ноҳияи Вахш бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Хушвахт” (РЯМ 3730017409) аз ноҳияи Панҷ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ “ФЛИТ САҲОМ ТҶ” (РЯМ 0210025182) аз ноҳияи И.Сомонӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Малаев Абдуқаюм (РЯМ 0330123127) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ ҶДММ “Брокери хизматгузори гумрукӣ” (РЯМ 0210008389), воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, сармояи оинномавии худро аз 8800000 сомонӣ ба 189208 сомонӣ кам мекунад.

**АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ**

## § 4. Ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Кодекси нави андоз

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Тағйироти андоз аз воситаҳои нақлиёт ин аст, ки меъёрҳои андоз ба 1-2% баланд карда шуд.

Кодекси андоз низомҳои махсуси андозбандии зеринро муқаррар намудааст, ки инҳоянд:

-низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд;

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;

- низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона);

- низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои тиҷорати бозӣ.

Низомҳои андозбандиро мухтасар шарҳ медиҳем:

Низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамоянд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», тасдиқ гардидааст.

Мутобиқ ба қарори мазкур номгӯи фаъолиятҳо маҳдуд карда шуда, ҳамзамон, дар соли тақвимӣ даромади умумии истифодабарандаи системаи патентӣ наметавонад аз 100 ҳазор зиёд бештар бошад.

Агар соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда, яке аз талаботи қайдшударо риоя накунад ва ё даромадаш аз ҳадди муқарраршуда барои фаъолият дар низоми патентӣ дар соли андоз гузашта бошад, ҳуқуқи истифодаи низоми патентии андозбандиро аз даст медиҳад.

Дар ин сурат соҳибкор уҳдадор аст, дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи тақвимӣ оид ба қатъ намудани бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкори инфиродии тибқи патент ариза диҳад. Ҳангоми риоя нашудани ин талабот, соҳибкори инфиродӣ бо меъёри 10-каратаи андозҳои ба фаъолияти ӯ дахлдошта андозбандӣ карда мешавад.

Андозбандии бизнеси хурд бо андоз аз арзиши иловашуда бекор карда шуда, ҳадди бақайдгирӣ бо мақсади андози арзиши иловашуда аз 200 ҳазор сомонӣ то 500 ҳазор сомонӣ баланд бардошта шуд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



## Хусусияти шифобахшии гиёҳи зуф

**Доруҳои аз баргҳои зуф тайёршуда хусусияти балғамронӣ, таскинбахши дард, муолиҷаи илтиҳоб ва нобудсозии бактерияҳоро муолиҷа мекунад. Тухмаш доруи камқувват ва исҳоловар маҳсуб мешавад.**

Ҷӯшобаи аз барги зуф тайёршударо барои табобати бронхит, диққи нафас (бронхиальная астма), сулфакабудак ва сил истифода менамоянд.

Оби баргҳои хушсифаташ барои муолиҷаи илтиҳоби (гастрит) бардавоми меъда, ки аз туршӣ (кислотность) ба вуҷуъ меояд, инчунин, захми меъдаю рӯдаи дувоздаҳангӯштаро манфиат мебахшад. Чунин об ҷудошавии шираи меъдаро хуб намуда, дар таркиби хун гемоглабинро зиёд месозад ва боиси коҳишёбии миқдори холестерин мешавад.

Доруҳои аз барги зуф омодашуда, инчунин, барои табобати холетсистит, илтиҳоби гурда, зарпарвин, варами пӯст (дерматит), манъи хунравии меъда истифода мешавад. Баргҳояшро ба захмҳо гузоранд, шифо мебахшад. Аз тухми зуф чунин ҷӯшоба тайёр менамоянд: 2 қошуқ тухми зуфро ба 1 истакон оби ҷӯшидагӣ рехта, дар оташи паст давоми 10 дақиқа меҷӯшонанд. Софкорӣ намуда, рӯзе 1 маротиба 1-қошуқӣ менӯшанд.

## Суханони ҳакимона

Мард бояд шараф, номус, обрӯ ва қавлашро мардонавор муҳофизат карда тавонад.

x x x

Мард шудан шояд тасодуфӣ бошад, вале мард мондан кори ҳар кас нест.

x x x

Дар ин давру замон ҳеҷ кас ба ашкҳо, ба нороҳатиҳо ва дардҳои ту таваҷҷуҳ надорад, аммо ҳамеша ба иштибоҳи ту таваҷҷуҳ мекунанд.

x x x

Ҳаргиз ҳеҷ як аз рӯзҳои зиндагиатро сарзаниш макун! Рӯзи хуб ба ту шодӣ медиҳад, рӯзи бад ба ту таҷриба ва рӯзи бадтарин ба ту дарс медиҳад.

x x x

Танҳо замоне сабур ва сабркунанда хоҳӣ шуд, ки сабрро як қудрат бидонӣ на як заъф.



## Сарватмандтарин шахс дар ҷаҳон

**Бернар Арно феҳристи сарватмандтарин фарди солро тағйир дод, зеро давоми чанд соли охир Амазон Ҷефф Безос бо дороии 115,6 миллиард доллар дар садри ин феҳрист қарор дошт.**

Тибқи гузориши маҷаллаи Forbes ҳоло сарватмандтарин фарди ҷаҳон соҳибкори фаронсавӣ, президенти ширкатҳои Louis Vuitton, Moet Hennessy, Bernard Arnault Бернар Арно мебошад. Тайи чанд соли охир Бернар Арно дар ин феҳрист, дар ҷойҳои чорум, даҳум ва ёздаҳум қарор дошт. Тибқи маълумот, дороии соҳибкор 117 миллиард доллар аст. Амазон Ҷефф Безос бо 115,6 миллиард доллар дар ҷойи дувум ва Билл Гейтс бо 110,6 миллиард доллар дар ҷойи сеюм қарор гирифтанд.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Дар рӯзгорони пешин шуғле бо номи хӯшачинӣ вуҷуд дошт. Онҳое, ки аз дасткутоҳӣ хирману замине надоштанд, пушти сари даравгарони заминдор мерафтанд ва хӯшае, ки ба замин меафтод, меғундоштанд. Гоҳо соҳиби замин ба даравгарон мегуфт, ки номуназзам даррав кунанд, то чизе барои хӯшачинҳо боқӣ бимонад. Хоҷа Ҳофиз мегӯяд:

*Савобат бошад, эй дорои хирман,*
*Агар раҳме кунӣ бар хӯшачине.*

Дар рӯзгори имрӯз бисёре аз дастфурӯшон «хӯшачинҳо»-и замони мо ҳастанд. Онҳое, ки дар ҳавои сарду гарм интизори онро доранд, ки дираме аз ҷайби мо берун биояд, то чизе аз онҳо бихарем. Пас гоҳо лозим меояд, ки «номуназзам даррав кунем» ва «номуназзам» харҷ намоем.

## ОЁ МЕДОНЕД?

**Ба ҳама маълум аст, ки физики машҳури ҷаҳон Исҳоқ Нютон, қонуни ҷозибаро кашф кардааст. Қиссааш чунин аст.**

Рӯзе зери дарахти себ менишаст, ки ногаҳон ба сараш себ афтод. Аз зарбаи мева нахуст сахт асабӣ шуд, аммо баъдан андешид, ки сабаби афтиши ҷисмҳо ба замин аз чист? Ҳамин тавр, қонуни умумиҷаҳонии ҷозибаро ба ҳама ошкор кард. Аҷибаш он ки ҳамин дарахт ҳанӯз ҳам побарҷост ва гирди онро бо панҷараи оҳанӣ иҳота кардаанд. Ҳарчанд дарахт кам мева медиҳад, аммо сайёҳон ҳар як себи онро бо нархи гарон мехаранд.

## Бунёди хонаи ғайриодӣ

Муҳандиси амрикоӣ Элис Стенман соли 1922 бо бунёди хонаи ғайриодие ҳамагонро ба ҳайрат гузошт. Ӯ рӯзномаҳоеро, ки барои мутолиа мегирифт, ҷамъ овард ва тавассути ширеш бо усули махсус бо ғафсии 2,5 сантиметр часпонда, хонае бино намуд. Сипас, барои ҳимоя аз барфу борон бо лаки баландсифат онро ранг кард. Аҷибаш ин аст, ки ҷиҳозҳои дохили хона, аз ҷумла мизу курсӣ, рафҳои китоб, ҳатто парда ва соатро аз рӯзномаву маҷаллаҳо сохта буд. Танҳо чизе ки аз ҷӯб ба назар мерасид, пианинои нодираш буд, ки барои якранг будан онро низ бо саҳифаҳои рӯзнома зинат дод. Бо гузашти солҳо қабати болоии девори бино фарсуда шуда, навиштаҳои ҷолиби зиёда аз 90 сол қабл дар рӯзномаҳо нашршуда намоён гардиданд. Хонаи мазкур дар шаҳри Рокпорти иёлоти Массачусетс ҷойгир буда, ҳамасола диққати сайёҳони зиёдеро ба худ ҷалб мекунад.

Боҷу хироҷ

МУАССИС:
КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир
Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

**ДАВЛАТЗОДА Н. М.** - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С.** - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; **СОЛЕҲЗОДА А. М.** - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **МЕЛИКЗОДА К.Н.** - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ЮСУФӢ П. С.** - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **НУРЗОДА Ҷ.** - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ВОҲИДОВ А.** - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; **НИГМАТОВ М.** - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**Тел:** 233-08-41 (мухбирон),
44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

**Навбатдор:** Мазҳаб ҶУМЪА

**Тарроҳ:** Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 67263**